Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№29 (1178)

Панҷшанбе, 18 июли соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



## Вусъати корҳои созандагӣ

Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани мактаби рақами 28 дар деҳаи Шаршари деҳоти Себистони ноҳияи Данғара

с. 2-3

# Татбиқи модули нави хизматрасонӣ

*Дар бораи модули нави барномаи компютерии “Бақайдгирии андозсупорандагон вобаста ба низоми андозбандӣ”*



МУҲОКИМА

## Баррасии масъалаҳои муҳим

Масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон - боиси нигаронии мақомоти андоз

с. 5

ҶАЛАСАИ КОРӢ

## Тадбир бахри коҳиши қарз

22 июни соли 2019 дар толори Видеоконференсияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда ҷаласа барпо шуд

с. 6

СЕМИНАР-МАШВАРАТ

## Интиқоли электронии маълумот

Сабабҳои сари вақт иҷро нагардидани муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низоми компютерӣ оид ба назорати хизматрасонии электронии онҳо» дар семинар-машварат мавриди баррасӣ қарор гирифт

с. 8



## Налогообложение импорта и экспорта товаров в Республике Таджикистан

с. 12

ЭЪЛОН

## Пурсишнома

Оид ба муайян намудани риояи тартиби гузаронидани назорати камералӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз

с. 13

# Вусъати корҳои созандагӣ

## Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ба истифода додани мактаби рақами 28 дар деҳаи Шаршари деҳоти Себистони ноҳияи Данғара

**Ҳамдиёрони гиромӣ!**

**Устодону омӯзгорон ва шогирдони азиз!**

Вақтҳои охир дар тамоми қаламрави кишварамон ба истиқболи шоистаи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои созандагиву ободонӣ босуръат ҷараён доранд.

Дар ин раванд, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара низ дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони ватандӯст, дигар шахсони саховатпеша ва аҳолӣ бунёд ва таъмиру азнавсозии беш аз 300 иншооти таъиноти гуногун, аз қабили муассисаҳои таҳсилоти умумиву кӯдакистонҳо, бунгоҳҳои тиббиву марказҳои саломатӣ, иншооти хизматрасонӣ, роҳу пулҳо, таъминот бо оби нӯшокӣ ва кашидани хатҳои интиқоли барқро ба нақша гирифта, то имрӯз сохтмону азнавсозии 87 иншоотро ба анҷом расонидаанд.

Мушоҳида мегардад, ки ҳоло дар ноҳия корҳои созандагӣ вусъати бесобиқа пайдо карда, хурду бузурги ноҳия бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ба хотири обод гардонидани зодгоҳи худ намунаи заҳмати аҳлона нишон дода истодаанд.

Бо истифода аз фурсат, меҳоҳам ба тамоми мардуми ноҳия, соҳибкорон ва ҳамаи шахсони ҳимматбаланд барои заҳмати созанда, фаъолияти ватандӯстона ва саҳми ҷавонмардонаашон изҳори сипос намоям.

Итминон дорам, ки то соли 2021, яъне ба истиқболи шоистаи 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ ҳамаи иншооти ба нақша гирифташуда бо сифати баланд бунёд шуда, симои ноҳияи Данғара ва деҳоти он боз ҳам зебо ва муҳимтар аз ҳама, шароити зиндагии мардум хеле беҳтар мегардад.

Боиси хушҳоливу қаноатмандист, ки дар раванди корҳои бунёдкорӣ ба соҳаи маориф, ки яке аз соҳаҳои калидии ҷомеа ба шумор рафта, ба ояндаи осудаву ободи кишварамон нигаронида шудааст, эътибори аввалиндараҷа дода мешавад.

Ҳоло сохтмон, таъмиру таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии даҳҳо муассисаи таълимӣ дар деҳаву маҳалҳои дурдасти аҳолинишини ноҳия босуръат идома дорад.



Танҳо соли 2018 дар ноҳияи Данғара аз ҷониби соҳибкорону тоҷирон 7 муассисаи таълимии нав сохта, ба истифода дода шуд, ки онҳо ба хеле коҳиш додани норасоии ҷойҳои нишаст мусоидат намуданд.

Дар доираи корҳои ободонӣ танҳо аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ 33 муассисаи таҳсилоти умумии хурду миёна бунёд мегардад, ки ин иқдом ба рушди минбаъдаи соҳаи маориф такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Илова бар ин, дар ноҳия сохтмони биноҳои нав дар назди 10 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва даҳҳо синфхонаи иловагӣ барои зиёда аз 7000 ҷойи нишаст идома дорад.

Бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаи Шаршари деҳоти Себистон, ки дар он барои 480 нафар фарзандони сокинони деҳаи зикршуда шароити беҳтарини таълиму тарбия муҳайё карда шудааст, натиҷаи заҳмати созандаи сокинони ноҳия мебошад.

Имрӯз, илова ба чандин иншооти навбунёди таъиноти гуногун, боз ду муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаҳои Талхоб ва Қули Сӯфиён, яъне деҳаҳои дурдасттарини ноҳия мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар се мактаби навбунёди имрӯза, дар деҳаҳои дурдасттарини ноҳия, дар маҷмӯъ, 1600 нафар толибилмон бо беҳтарин шароит ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд.

Дар оянда барои таъмин намудани шароити боз ҳам беҳтари илму ҳунаромӯзӣ ва машқу тамрини хонандагон дар муассисаҳои навбунёд сохтмони толору майдончаҳои варзишӣ, маҳлисгоҳу ошхона ва дигар иншооти ёрирасон, аз ҷумла барои таъминот бо гармӣ ва оби ошомиданӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бо бунёд гардидани мактабҳои зикршуда мушкилоти фарзандони сокинони деҳаҳои Талхоб, Қули Сӯфиён ва Шаршар пурра ҳал гардид.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони бонангу номуси ноҳия, инчунин, дар таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ низ фаъолона саҳм гузошта истодаанд.

Аз ҷумла роҳҳои дохилии деҳаи Шаршар, ки солҳои тӯлонӣ бисёр харобу валангор буданд, ба масофаи зиёда аз 4 километр азнавсозӣ карда шудаанд.

Ҳоло корҳои ободонӣ дар деҳоти дигар, аз ҷумла дар деҳаҳои Гулафшон, Боботӯпхона, Талхоб ва Қули Сӯфиён идома дошта, то имрӯз аз ҷониби соҳибкорону шахсони эҳсонкор мактабу марказҳои саломатӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, роҳҳо, хатҳои барқ ва марказҳои хизматрасонӣ бунёд гардидаанд.

Ҳамчунин, мо имрӯз роҳи навбунёди Шаршар ва Себистон-Қули Сӯфиёнро, ки дар маҷмӯъ, масофаи 25 километрро ташкил медиҳад, ба истифода медиҳем.

Яъне мушкилоти даҳҳо ҳазор нафар сокинони деҳаҳои Шаршар, Гулафшон, Боботӯпхона, Талхоб ва Қули Сӯфиён бартараф гардида, барои рафтуомади мусоиду осони одамон ва нақлиёт дар тамоми фаслҳои сол шароит фароҳам оварда шуд.

Бунёди ин роҳҳо низ аз ҳисоби соҳибкорону фарзандони бонангу номуси диёр анҷом дода шудааст.

Бори дигар таъкид месозам, ки бунёди роҳ ва иншооти дигар дар арафаи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" намунаи ҳиммати баланду заҳмати ватандӯстонаи соҳибкорон ва мардуми ноҳияи Данғара мебошад.

Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки ҳамаи ободкориҳои то имрӯз амалигардида бидуни ҷалби маблағҳои буҷетӣ, яъне аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолии деҳаҳои зикршуда анҷом дода шудаанд.

Ғайр аз ин, бо мақсади дастрасии сокинон ба хизматрасонии босифати тиббӣ бо ташаббуси соҳибкорони саховатманди деҳаҳои Игрон ва Талхоб маркази саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббии муҷаҳҳаз бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ бунёд ёфта, аз ҷониби соҳибкорони деҳаҳои дигар бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ бо таваллудхона ва ҳуҷраҳои хатна ба фаъолият шурӯъ кардаанд.

Инчунин, дар доираи ҳамин сафар аз ҷониби сокини саховатманди деҳаи Талхоб маркази саломатӣ ва таваллудхона ба истифода дода мешавад.

Хотирнишон месозам, ки солҳои пеш мардуми деҳаҳои зикршуда барои ташхису табобат дар фаслҳои гармову сардӣ масофаи 50-60 километр роҳро бо заҳмати зиёд тай карда, ба маркази ноҳия мерафтанд.

Акнун ин мушкилоти онҳо бо бунёди таваллудхона ва маркази саломатӣ, ки бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз мебошанд, ҳал гардид.

Ба фаъолият оғоз кардани муассисаи навбунёди таълимиро ба шумо - устодону омӯзгорон ва фарзандони азиз самимона табрик гуфта, бори дигар ба ҳамаи соҳибкорону шахсони эҳсонкори ноҳия барои саъю талоши ватандӯстонаи онҳо ба хотири ободонии кишварамон миннатдорӣ изҳор менамоям.

Бовар дорам, ки чунин амалҳои хайру савоб минбаъд аз ҷониби дигар афроди бонангу номуси мамлакат вусъати бештар хоҳанд ёфт.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки сокинони меҳмоннавозу заҳматпешаи ноҳияи Данғара барои дар сатҳи баланд ва бо эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ истиқбол гирифтани ҷашни мубораку муқаддаси сисолагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон азму талоши бештар мекунанд ва зодгоҳу диёри хешро боз ҳам ободу пешрафта мегардонанд.

Ба ҳамаи шумо, ҳозирини гиромӣ ва тамоми сокинони ноҳияи Данғара хонаи обод, иқболи баланд ва дар ҷодаи ободонии Ватан барору комёбӣ орзумандам.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед!**

# Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазири Ҷумҳурии Корея Ли Нак Ён

**Дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 16 июл Сарвазири Ҷумҳурии Корея Ли Нак Ёнро, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот вазъ ва дурнамои муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Корея дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ баррасӣ шуд.

Таъкид гардид, ки дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушду тавсеаи муносибатҳои гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Корея мақоми шоиста дошта, ҷониби Тоҷикистон аз натиҷаҳои нахустин сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Корея интизориҳои зиёд дорад.

Ҷонибҳо ба он назар буданд, ки барои рушду тавсеаи муносибатҳои байнидавлатӣ заминаҳои созгори шартномавию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ низ фаъолияти назаррас дорад.

Доир ба рушду тавсеаи бештари муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Корея дар доираи муколамаи "Осиёи Марказӣ-Ҷумҳурии Корея", Агентии Корея оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилоту созмонҳои минтақавию байналмилалӣ табодули афкори судманд анҷом дода шуд ва таъкид гардид, ки ҷониби Тоҷикистон ифтитоҳи намояндагии Агентии Корея оид ба ҳамкориҳои байналмилалиро дар шаҳри Душанбе ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, барои ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо Фонди Корея оид ба қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои оияндадори иқтисодӣ ҳавасманд аст.

Зимни мулоқоти судманд доир ба ҷанбаҳои манфиатбори муносибатҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Корея, ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, саноат, гидроэнергетика, молияву бонкдорӣ ва бахши хусусӣ, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ, фармасевтика, илму маориф, фарҳанг, муҳоҷират, сайёҳӣ ва бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ дар заминаи минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон табодули афкор карда шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузории форумҳои тиҷоратии Тоҷикистону Корея ва Тоҷикистон- Корея-Ӯзбекистонро дар соли гузашта, аз ҷумлаи тадбирҳои муҳим дар рушду густариши муносибатҳои байнидавлатӣ хусусан дар соҳаи тиҷорату иқтисод арзёбӣ намуда, изҳори боварӣ намуданд, ки форуми навбатии тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистону Корея тадбирҳои муштаракро дар ин самт таҳким мебахшад.

Дар мулоқот ҳамзамон масоили вобаста ба амнияту суботи минтақавию байналмилалӣ, вазъи кунунии Афғонистон, мубориза ба терроризму экстремизми байналмилалӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

# Ифтитоҳи иншооти ҷашнӣ дар ноҳияи Данғара

**Дар доираи сафари корӣ дар ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншоотро ифтитоҳ намуданд, ки ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ бунёд шудаанд.**

## Роҳи мошингарди «Себистон-Гулафшон»

Роҳи мошингарди "Себистон-Гулафшон" 21 километр дарозӣ ва 7 метр паҳноӣ дорад. Дар доираи навсозии роҳи "Себистон-Гулафшон" корҳои тахту ҳамворкунӣ, васеъкунии роҳ ба анҷом расид. Дар мавзеъҳои обгузар 9 қубури калонҳаҷми обпарто хобонда шуда, сохтмони ҷӯйборҳои бетонӣ дар ду канори роҳ дар масофаи 1,7 километр иҷро гардид. Деҳоти Оқсу аз маркази ноҳия дар масофаи 25 километр дур ҷойгир аст ва акнун бо навсозӣ роҳ чандин маротиба наздик ва вақти сафар кӯтоҳ карда шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи роҳи навро ба сокинони ин деҳаҳои ноҳияи Данғара муборакбод гуфта, изҳор доштанд, ки роҳҳо на танҳо минтақаҳоро ба ҳам мепайванданд, балки ҳамчун воситаи интиқоли мусофирон ва ҳамлу нақли борҳои гуногун хизмат мекунанд. Бунёди роҳҳои нав ин пешрафти иқтисодиёт, сарфаи вақту маблағ буда, барои коҳиш додани арзиши маҳсулот низ хизмат мерасонад.

## Беморхонаи маркази байниноҳиявӣ дар деҳаи Талхоб

Беморхонаи маркази байниноҳиявӣ ба 3 ҳазору 500 нафар аҳолии деҳаҳои Талхоб, Олучадара, Гулизиндон, Боботубхона, Қули Суфиён ва Қунғуртут хизмат мерасонад.

Маркази саломатӣ ва таваллудхона бо дастгирӣ ва ғамхориҳои бевоситаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби оилаи Ҷамиловҳо бунёд шуда, аз 22 ҳуҷра, 16 кати хоб, 1 ҳуҷраи хатна ва дигар утоқҳои ёрирасон иборат мебошад.

Аз рӯи лоиҳа дар Маркази саломатӣ 7 ҳуҷра ва дар таваллудхона 9 ҳуҷраи корию хизматрасонӣ, аз ҷумла ҳуҷраҳои бақайдгирӣ, табибон, шикастабандӣ, муолиҷавӣ, хатна ва таваллуд бунёд шуда, ҳамаи утоқҳо барои муолиҷаи беморон, таваллуд ва нигоҳубини модару кӯдак бо рахти хоб ва дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ таъмин мебошанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо Маркази саломатӣ ва таваллудхона ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, табибонро барои анҷоми хизмати софдилона ба аҳолии деҳот ҳидоят карданд.

## Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 33 дар деҳаи Қули Суфиён

Масоҳати умумии замини муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 33 — 1,8 гектарро ташкил дода, дар маркази деҳа бунёд карда шудааст.

Муассисаи таълимӣ дуошёна буда, барои дар ду баст ба таҳсил фаро гирифтани 480 нафар хонанда пешбинӣ шудааст. Иншооти мазкур дорои 10 синфхона, аз ҷумла синфхонаи компютерӣ, физика, химия, биология, китобхона ва дигар утоқҳои лозима мебошад. Ҳамаи синфхонаҳо бо ашёи зарурии хониш, аз қабили мизу курсӣ ва муосиртарин таҷҳизоти соҳавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд

Баъди ба истифода супоридани муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 33 Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хонандагону омӯзгорон дастур доданд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ бо роҳи омӯзиши илмҳои муосир ва соҳибкасб гаштан дар ҳифзу гиромидошти арзишҳои миллӣ ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми хешро гузоранд.

## Маркази омӯзишӣ-хизматрасонӣ дар деҳаи Талхоб

Маркази омӯзишӣ-хизматрасонӣ дуошёна буда, дар ошёнаи якум нуқтаҳои савдо ҷойгир шудаанд. Зимни боздид аз маркази хизматрасонӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд доданд.

Таъкид шуд, ки иншооти нав дар заминаи дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи эълон гардидани солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз тарафи истиқоматкунандаи деҳаи Талхоб Хайриддин Давлатов ва фарзандони баору номус ва ободкори ин марди накӯ сохта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбат изҳор доштанд, ки ташаббуси ин сокини ободкор ва меҳнатдӯсти деҳа қобили дастгирӣ буда, ба истифода додани чунин як маркази хизматрасонӣ имконият фароҳам меорад, ки истиқоматкунандагони деҳаи Талхоб ашёи зарурии худро бе харҷи зиёд харидорӣ намоянд ва бо ҷойи кор таъмин гарданд.

Дар коргоҳи дӯзандагӣ барои омӯзиш ва дӯхти либоси бачагона, мактабӣ ва ғайра 12 дастгоҳи нави дӯзандагӣ оварда шудааст. Занону духтарон аз ба истифода додани Маркази нав, ки дар он барои омӯзиши касби дӯзандагӣ ва рушду равнақ додани ҳунарҳои халқӣ шароити арзанда муҳайё карда шудааст, изҳори хушнудӣ менамоянд.

## Бинои асосии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №51 дар деҳаи Талхоб

Бинои асосии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 51 аз ду ошёна иборат буда, дорои 11 синфхона, аз ҷумла синфхонаҳои компютерӣ мебошад ва барои 528 нафар хонанда дар ду баст мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд карда шудааст.

Зимни боздиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз синфхонаҳои ин бинои нави таълимӣ иттилоъ дода шуд, ки корҳои сохтмонӣ дар ин иншоот дар доираи омодагиҳо ба истиқболи 30 — солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 оғоз гардида буд ва инак қабл аз муҳлат иншоот мавриди истифода қарор дода шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити нави таълимӣ дар бинои муосири Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 51-и деҳаи Талхоб ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, масъулинро ҷиҳати истифодаи пурсамар аз ин имконот барои боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли ояндасози миллат ҳидоят намуданд.

Феълан корҳои сохтмонӣ дар бинои дуюми Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 51, ки толори маҷлис барои 100 нафар, толори варзишӣ барои 128 ҷойи нишаст ва ошхона барои 28 нафарро дар бар мегирад, идома дорад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоии пурра бо шароити илмомӯзии насли наврасу ояндасози миллат дар бинои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 51 ва лоиҳаи бунёди бинои дуюми ин даргоҳи илму маърифат ва дигар иншооти ёрирасон дар он хонандагонро ба омӯзиши илмҳои муосир ҳидоят намуда, ба масъулин ҷиҳати истифодаи пурсамар аз ин имконоти фароҳамкардаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастуру ҳидоятҳои судманд доданд.

# Муаррифии лоиҳаи бунёди 9 меҳмонхонаи нав дар шаҳри Душанбе

**11 июл дар Қасри миллат бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ муаррифии лоиҳаи бунёди 9 меҳмонхонаи нав дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.**



Зимни муаррифии тарҳи иншооти бунёдшаванда ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар давоми ду сол сохтмони 9 меҳмонхонаи замонавӣ бо 630 ҳуҷра барои қабули беш аз ҳазор нафар дар як вақт пешбинӣ шудааст.

Як гурӯҳ соҳибкорони бонангу номуси кишвар иқдом гирифтанд, ки ба хотири истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллӣ — 30 — солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва ба хотири мусоидат кардан ба рушду пешрафти шаҳри Душанбе меҳмонхонаҳои муосири ҳозиразамонро бо сифати баланд ва тарҳи миллӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ бунёд намоянд.

Ҳамаи меҳмонхонаҳое, ки лоиҳаи онҳо ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муаррифӣ гардид, бо дарназардошти талаботи байналмилалии соҳа бо дараҷаи 3, 4 ва 5 ситорадор сохта мешаванд.

Меҳмонхонаҳои бунёдшаванда баландошёна буда, аз ҳуҷраҳои стандарт, люкс, нимлюкс ва апартамент иборат мебошанд ва бо инфрасохтори зарурӣ, аз қабили марказҳои савдову хизматрасонӣ, тарабхона, ҳавзи шиноварӣ, маҷлисгоҳ, марказҳои варзишиву дилхушӣ, тиббӣ, ҳаммом, толори синамо ва таваққуфгоҳҳои зеризаминӣ муҷаҳҳаз мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки дар асоси дастуру ҳидоятҳои раҳнамунсози Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва иқдомҳои созандаи роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тайи солҳои охир симои пойтахти мамлакат — шаҳри Душанбе ба куллӣ дигаргун шуда, дар натиҷаи заҳмати аҳлонаву ватандӯстонаи сокинон ва соҳибкорони бонангу номуси он ба ифтихори ҷашну идҳои миллию давлатӣ, аз қабили 30 — солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои ободониву созандагӣ вусъати тоза касб намудааст.

Мувофиқи иттилои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе то таҷлили ин ҷашни таърихӣ дар шаҳри Душанбе зиёда аз 3500 иншооти таъиноти гуногун сохта ба истифода дода мешавад.

Баъди шиносоӣ бо тарҳи лоиҳаи 9 меҳмонхонаи нав Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми шоиста ва сазовори сокинони пойтахт, соҳибкорони ватандӯст бахри ободонии пойтахти кишвар баҳои баланд дода, онҳоро ба иҷрои босифати корҳои сохтмонӣ, риояи талаботи меъёрҳои миллӣ, истифодаи санъати баланди меъморӣ, нақшу нигори миллӣ дар вақти ороиши дохил ва беруни иншоот, истифодаи масолеҳи хушсифати сохтмонӣ, аз қабили сангҳои ороишӣ, аз ҳозир тайёр кардани кадрҳои болаёқати хизматрасон, таъсиси гушаҳои фурӯши молу маҳсулоти ҳунарҳои миллӣ ва дигар корҳои ободонӣ ҳидоят карданд.

Бино ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ин васила мо метавонем бори дигар фарҳанги баланди тамаддунофарии миллатамон, неъматҳои моддӣ ва маънавии сарзамини аҷдодиро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

## ФАРҲАНГИ АНДОЗ

**Бо тақозои вазифа бо соҳибкорони зиёд вохӯрда, суҳбат кардаам. Аксаран, дар фикри ғановати буҷет ва ободии кишваранд. Бо шукргузорӣ аз сулҳу субот ва ҷомеаи солим фаъолияти босамар доранд. Аммо дар ин миён соҳибкоронеро низ рӯ ба рӯ шудаам, ки аз зиндагии «паст» ва фаъолияти «бефоидаи» соҳибкориашон лаб ба шиква кушодаанд.**

# Ростиро завол нест

Соҳибкори инфиродӣ Беҳрӯзҷон Бобомуродов чанд сол инҷониб дар ноҳияи Шаҳринав дар бинои аз шаҳрванд Д.Ҳамзаев ба иҷора гирифтааш, ки масоҳаташ 45 метри мураббаъ аст, ба истеҳсол ва фурӯши нон машғул мебошад. Мавсуф суст будани савдою пӯшонда натавонистани хароҷоташро асос нишон дода, ба мақомоти андоз арз намуд, ки агар минбаъд ҳам кор бо чунин тарз идома ёбад, ӯ аз баҳри фаъолияти соҳибкорӣ мебарояд.

Кормандони мақомоти андоз шикояти Б. Бобомуродовро ба инобат гирифта, фаъолияти дукони мазкурро мавриди муоинаи хронометражӣ қарор доданд. Муайян шуд, ки манбаи андозбандишавандаи нуқтаи мазкур бо асосҳои далеловардаи соҳибкор Б. Бобомуродов мутобиқат намекунад.

Дар ҷараёни муоинаи хронометражӣ муайян гардид, ки маблағи савдои соҳибкор М. Бобоҷонов дар рӯзи аввал 661 сомонӣ, дар рӯзи дувум 465 сомонӣ ва дар рӯзи сеюми муоина 543 сомониро ташкил медиҳад. Яъне маблағи моҳонаи савдои дукони номбурда дар як моҳ мутобиқи ҳисоботи пешниҳодшуда на 9340 сомонӣ, балки 16690 сомонӣ будааст, ки нисбат ба давраи пеш аз муоинаи хронометражӣ 7350 сомонӣ зиёд мебошад. Тибқи хулосаи муоинаи хронометражӣ соҳибкори инфиродӣ Б. Бобомуродов вазифадор шуд, ки минбаъд дар ҳисоботҳои андоз бояд даромади умумии моҳонаи худро на камтар аз16690 сомонӣ нишон диҳад. Илова бар ин сирри дигари пинҳонкории Б. Бобомуродов низ дар ҷараёни муоинаи хронометражӣ ошор гардид. Ӯ қаблан дар ҳисоботҳои андозии худ шумораи кормандони кирояро як нафар нишон дода, дар асоси он андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ пардохт менамуд. Аммо ҳангоми гузаронидани муоинаи хронометражӣ муайян шуд, ки соҳибкор ду коргари кирояро ба кор ҷалб кардааст.

Маҳз барои гирифтани пеши роҳи чунин қонунвайронкуниҳо ва муайян намудани манбаи аслии даромади воқеии соҳибкорон мақомоти андоз зарур мешуморад, ки дар фаъолияти ин ва ё он андозсупоранда муоинаи хронометражӣ анҷом диҳад.

«Офтобро бо доман пӯшонда намешавад», - мегӯянд. Соҳибкори инфиродӣ Б. Бобомуродов гумон надошт, ки даъвои пешовардааш сирри ӯро фош сохта, боиси афзоиши маблағҳои андоз мегардад. Ӯ дар андешаи он буд, ки ба ин восита маблағҳои андозашро кам менамояд. Маҳз бо ин мақсад ба мақомоти андоз дар хусуси суст будани савдо ва зиёд будани маблағҳои андоз шикоят овард. Ҳатто барои исботи даъвояш дар ҳисоботи ба мақомоти андоз пешниҳоднамудааш маълумоти мошини назоратӣ – хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва Дафтари сабти маблағҳои нақдиро таҳрифкорона сабт менамуд. Вале сирраш ошкор шуд.

**М. ТАБАРЗОДА**

# Татбиқи модули нави хизматрасонӣ

**Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба гузаронидани модули нави барномаи компютерии "Бақайдгирии андозсупорандагон вобаста ба низоми андозбандӣ" аз 13 июни соли 2019, №262 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода, сардорони раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва сардорони шуъбаҳои раёсатҳои ташкили андозбандӣ ва санҷиши андозҳои Кумитаи андоз ҷаласаи корӣ доир гардид.**



Ҷаласаро муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Солеҳзода ифтитоҳ кард. Ӯ аз рафти татбиқи модули нави барномаи компютерии СМИИА сухан ронда, гуфт, ки бо мақсади маъмурикунонии дурусти андозҳо ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ то имрӯз аз 41 модули барномаи компютерӣ 30 модули он пурра татбиқ шуда, дар мақомоти ҳудудии андоз мавриди амал қарор гирифтааст. Ҳамчунин, дар бораи пурра такмил ва мавриди амал қарор додани модулҳои нави барномаҳои компютерӣ ҷиҳати татбиқи ду модули нави барномаи компютерии СМИИА "Бақайдгирии супорандагони ААИ" ва "Бақайдгирии субъектҳои дар низомҳои имтиёзноки андозбандӣ" фаъолияткунанда маълумот дода шуд.

А. Солеҳзода зикр кард, ки раванди мазкур барои таҳлили минбаъдаи соҳаҳо, аз ҷумла низомҳои имтиёзноки андозбандӣ ва дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андозҳои корхонаҳои дар низоми имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда татбиқ мегардад. Дар баробари пурра татбиқ гардидани ин раванд аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дар барномаи компютерӣ имконияти дастрас намудани маълумот оид ба низомҳои имтиёзнок аз рӯи нозиротҳо ва (ё) низомҳои алоҳидаи он фароҳам меояд.

Оид ба тартиби дохилшавӣ, истифодабарӣ ва пур ё рад кардани ариза ҷиҳати бақайдгирии субъектҳои мазкур дар барномаҳои компютерии СМИИА "Бақайдгирии супорандагони ААИ" ва "Бақайдгирии субъектҳои дар низомҳои имтиёзноки андозбандӣ" фаъолияткунанда низ ба иштирокдорони ҷаласа иттилоъ дода шуд. Зикр гардид, ки ҳангоми пур кардани ариза ҷиҳати бақайдгирӣ ба сифати субъектҳои дар низоми имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда кормандони мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба андозсупорандагон дар интихоби низоми имтиёзноки андозбандӣ кӯмак расонанд. Бо интихоб кардани намуди фаъолияти дахлдор аризаи андозсупоранда пӯшида ва дар махзани барномаи компютерӣ сабт мешавад.

Пешниҳоди ариза бо мақсади бақайдгирии супорандаи андоз аз арзиши иловашуда аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор тавассути "Утоқи шахсии андозсупоранда" ба роҳ монда мешавад ва шахсони масъули мақомоти ҳудудии андоз вазифадоранд, ки аризаҳои ба таври электронӣ пешниҳоднамудаи андозсупорандагонро қабул ё бо далелҳои эътимоднок рад намоянд.

Зикр шуд, ки субъектҳои хоҷагидоре, ки бо мақсади гузариш ба низоми умумии андозбандӣ, яъне ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ариза пешниҳод менамоянд, новобаста ба рад ё қабули аризаҳои чунин андозсупорандагон, аз ҷониби мақомоти андоз ва дастрас гардидани шаҳодатномаи супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда эътироф мегардад ва фаъолияти онҳо минбаъд дар доираи низоми умумии андозбандӣ ба роҳ монда хоҳад шуд. Аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор аризаҳо бо мақсади гузаштан ба низоми умумии андозбандӣ тибқи талаботи моддаи 161 Кодекси андоз ё аз рӯи намуди фаъолият интихоб ва пур карда мешавад.

Бо мақсади бақайдгирии андозсупорандагон ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда, ҳангоми пур кардани ариза маълумоти қисматҳои якум ва дуюми он ба таври автоматӣ аз рӯи махзани маълумот пурра дарҷ мегардад ва андозсупорандагонро зарур аст, ки танҳо дар қисмати сеюми ариза маълумотро ба таври электронӣ дар махзани маълумоти барномаи компютерӣ сабт ва ба мақомоти андоз равон намоянд.

Гуфта шуд, ки аризаҳо аз рӯи ҳар як низоми имтиёзнок дар алоҳидагӣ пешбинӣ гардида, субъектҳои дар низоми имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта мешаванд. Субъектҳои дар низоми имтиёзноки андозбандӣ фаъолияткунанда ҳам дар низоми умумӣ ва ҳам дар низоми махсус фаъолият менамоянд. Дар ин ҳолат ҳангоми бақайдгирӣ ва гурӯҳбандӣ бояд аввал низоми андозбандӣ ва баъд номгӯи низоми имтиёзноки андозбандиеро, ки андозсупоранда истифода мекунад, интихоб намоянд. Ғайр аз ин, бо истифода аз амали бақайдгирӣ ҳангоми ҷустуҷӯи ариза низоми андозбандӣ ва субъекти дар низоми имтиёзнок фаъолияткунанда будани андозсупоранда муайян карда мешавад.

Дар интиҳои ҷаласа аз ҷониби иштирокдорон вобаста ба такмил ва рафти татбиқи барномаҳои компютерӣ таклифу пешниҳодҳо манзур ва мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# Фаронса барои билетҳои ҳавопаймо аз соли 2020 сар карда андози экологӣ ҷорӣ менамояд

**Ҳукумати Фаронса ният дорад аз соли 2020 сар карда барои билети ҳавопаймо андози экологӣ ҷорӣ намояд. Андоз ба хатсайрҳое дахл мекунад, ки аз Фаронса парвоз мекунанд, гуфтааст вазири корҳои нақлиёт Элизабет Бори.**

«Субҳи имрӯз мо қароре қабул намудем, ки тибқи он ният дорем барои тозагии экологӣ ба воситаи ҷорӣ намудани андози экологӣ барои ҳамаи хатсайрҳо аз Фаронса саҳм гузорем, - гуфтааст вазир. Тибқи суханони ӯ, «андоз дар шакли 1,50 евро барои билетҳои хатсайрҳои дохилӣ ё хатсайрҳои дохилиаврупоӣ дахл дошта, метавонад барои хатсайрҳои берун аз ҳудуди Иттиҳоди Аврупо то 18 евро расад».

«Саҳми экологии мазкур аз соли 2020 сар карда дар як сол баробари 180 миллион евро хоҳад буд. Маблағҳои мазкур пурра барои маблағгузории системаи нақлиётии Фаронса харҷ мегардад», - гуфтааст Борн.

**http://taxpravo.ru**

# Баррасии масъалаҳои муҳим

**Масъалаи сари вақт пардохт нагардидани андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон ва шаҳрвандон, ба вуҷуд омадани бақияпулиҳои андоз, инчунин, давра ба давра афзоиш ёфтани он боиси нигаронии мақомоти андоз гаштааст.**

Вобаста ба ин, дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи кории назди муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон баргузор гардид. Дар ҷаласа сардорони раёсатҳои ситонидани қарзи андозҳо, таъмини ҳуқуқии дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, сардорони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, сардорону кормандони шуъба ва бахшҳои ситонидани қарзи андозҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок карданд.

Дар ҷаласа масъалаҳои бақияи қарзи андоз ва шумораи андозсупорандагони қарздор, рафти татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ва иҷрои қарорҳои дар ин самт қабулгардида, дар амал татбиқ гардидани талаботи Дастури методӣ "Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани андозҳо" ва риояи он ҳангоми татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани андозҳо, рафти татбиқи амалии муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чораҷӯӣ дар самти ситонидани бақияпулиҳо аз ҳисоби ҷаримаҳои маъмурӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтанд.

Муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон қайд намуд, ки масъалаи кам кардани бақияи қарзи андозҳо ва шумораи андозсупорандагони қарздор, сари вақт татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, таъмини иҷрои саривақтии қарорҳои дар ин самт қабулгардида, самаранок татбиқ намудани ваколатҳои мақомоти андоз дар самти маҷбуран ситонидани андозҳо, роҳ надодан ба пайдоиши бақияпулиҳои андозии нав, хусусан шумораи аз ҳад зиёди қарзҳои хурд, сари вақт додани огоҳиномаҳо ба андозсупорандагони қарздор ва ташкил намудани санадҳои муқоисавии тасдиқшуда зери таваҷҷуҳи бевоситаи роҳбарияти Кумитаи андоз қарор дошта, корҳои анҷомдодаи мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт беҳбудиро талаб менамояд.

Зикр шуд, ки дар асоси мактубҳои дастурии Кумитаи андоз мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардидаанд, ки барои ба таври дахлдор иҷро кардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, самаранок татбиқ намудани ваколатҳои мақомоти андоз дар самти пешгирӣ ва ситонидани қарзи андозҳо, кам кардан ва роҳ надодан ба пайдоиши бақияи қарзи андози иҷтимоӣ, татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ нисбати субъектҳое, ки аз ин намуди андоз қарздоранд, инчунин татбиқи амалии ҳабси молу мулк ва фурӯши он тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ба ҳолати 1 майи соли 2019 бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ 714,2 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба аввали сол ба андозаи 11,4 млн. сомонӣ кам гардидааст. Гарчанде бақияпулиҳои андоз, дар маҷмӯъ, нисбат ба аввали сол кам гардида бошад ҳам, аммо дар баъзе шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ он дар ҳаҷмҳои гуногун зиёд гардидааст, ки ин ҳолат хеле нигаронкунанда аст. Аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Сангвор, Исмоили Сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Сарбанд, Норак, Дастгоҳи марказии НАК ва шуъбаи Душанбегии НАК бақияи қарзи андозҳо дар ҳоли афзоиш аст.

Тавре дар рафти ҷаласа қайд гирдид, рӯёндани маблағи қарзи андозҳо, кам намудани шумораи андозсупорандагон, бе татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ҳам имконпазир аст. Дар ҳолати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назорати пайвастаи андозсупорандагон, аз ҷумла ба андозсупорандагон сари вақт ирсол намудани огоҳиномаҳо барҳам ё коҳиш додани чунин қарзҳо имконпазир мегардад.

Тибқи муқаррароти моддаи 72 Кодекси андоз яке аз чораҳои пешгирӣ ва кам кардани бақияи қарзи андоз, ин ирсоли огоҳинома ба андозсупоранда мебошад, ки барои татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо замина муҳайё сохта, имконият медиҳад, ки андозсупоранда бе татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидан қарзи андозҳо низ маблағи қарзи андози худро ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд. Аз ин хотир, ба иштирокдорони ҷаласа супориш дода шуд, ки аз ин ваколат самаранок истифода кунанд.

Ҳолати ташвишовари дигар ин афзоиш ёфтани бақияи қарзи андози иҷтимоӣ мебошад. Ба санаи 1.05.2019 бақияи қарзи андоз аз ҳисоби андози иҷтимоӣ 163,5 млн. сомониро ташкил додааст. Тибқи маълумоти таҳлилӣ дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзи ин намуди андоз дар аксари шаҳру ноҳияҳои мамлакат афзоиш ёфтааст. Бақияи қарзи андози иҷтимоии ташкилотҳу муассисаҳои



буҷетӣ ба санаи 1 майи соли ҷорӣ 19,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол ба андозаи 3,0 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Аз ин хотир, дар ҷаласа сардорони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ва сардорону кормандони шуъба ва бахшҳои ситонидани қарзи андозҳо вазифадор шуданд, ки ба масъалаи кам кардан ва пешгирии қарзи андози иҷтимоии буҷетӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир кунанд.

Ҳамчунин, зикр гардид, ки дар панҷ моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз дар фаъолияти 3170 андозсупорандаи қарздор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи умумии 407,9 млн. сомонӣ 4251 адад қарор қабул шудааст. Аз ҷумла, 2059 адад қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисоби андозсупоранда ва дебиторони вай ба маблағи 360,2 млн. сомонӣ, 5 адад қарор дар бораи ситонидани қарзи андозҳо бо роҳи ҳабси молу мулк ва маҳсулоти тайёр ба маблағи 909,6 ҳазор сомонӣ ва 2187 адад қарор дар бораи ситонидани маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби пули нақди андозсупоранда ба маблағи 46,7 млн.сомонӣ.

Ба санаи 1 июни соли 2019 иҷрои пурраи 847 адад қарор дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, ки дар соли 2018 қабул гардидаанд, таъмин нашудаанд. Агар яке аз сабабҳои асосии сари вақт иҷро нагардидани қарорҳои мазкур ин пурра ва ба таври дахлдор фаъолият накардани андозсупорандагон, нагузаронидани амалиётҳои бонкӣ тариқи суратҳисоб аз ҷониби онҳо ва дар тавозуни худ надоштани молу мулки барои пӯшонидани ӯҳдадориҳои андозӣ кифояткунанда ба ҳисоб равад, сабаби дигар дар наандешидани тадбирҳои зарурӣ ва саривақтии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати таъмини иҷрои ин қарорҳо ба ҳисоб меравад.

- Масъалаи дигари ташвишовар, - гуфт Бахтиёр Султон, - ин аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз сари вақт талаб накардан ва дар барномаи Системаи муттаҳидаи иттиллотии идоракунии андозҳо ворид накардани маълумот оид ба суратҳисобҳои бонкии аз ҷониби андозсупорандагон кушодашуда мебошад. - Дар натиҷа, чунин ҳолат боиси аз назорат дур мондани суратҳисобҳои бонкӣ ва татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо гардида истодааст. Инчунин, дар баъзе мавридҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ низ ҳангоми ба андозсупорандагон кушодани суратҳисобҳои бонкӣ талаботи моддаи 56 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси сари вақт огоҳ намудани мақомоти андоз оиди аз ҷониби андозсупоранда кушодани суратҳисоби бонкӣ риоя ва иҷро намегардад.

Ошкор намудани қонунвайронкуниҳои андоз ва сари вақт чораҷӯӣ кардан ҷиҳати пешгирии онҳо омили таъсирбахши таъмини интизоми андоз ва тартиботи ҳуқуқӣ буда, тибқи қонунгузории ҷорӣ мақомоти андоз дар ҳолатҳои муқарраршуда ваколати татбиқ намудани ҷаримаҳои маъмуриро дорад.

Тавре қайд шуд, дар панҷ моҳи соли 2019 аз ҷониби мақомоти андози мамлакат 10610 нафар андозсупоранда барои ҳуқуқвайронкуниҳои гуногун ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд ва ба онҳо ба сифати ҷазо ба маблағи умумии 74,3 млн. сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъин гардидааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои барасмиятдаровардашуда 786 адад кам ва маблағи татбиқгардидаи ҷаримаҳо 13,9 млн. сомонӣ кам мебошад. Дар ин давра аз ҳисоби ҷаримаҳои таъингардида ба буҷети давлатӣ 56,0 млн. сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 1,1 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Баъдаз муҳокимаи масъалаҳои зикршуда ҷаласаи корӣ қарорҳои дахлдор қабул карда, ба сардорони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, сардорону кормандони шуъба ва бахшҳои ситонидани қарзи андозҳо ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ барои давраҳои минбаъда дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

**Т. ЗИКРУЛЛОЗОДА**

## АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# Вазири энергетикаи Украина аз пардохти 1,25 миллион доллар андоз саркашӣ кардааст

**Вазир дар эъломияи андоз нишон додани рақами мазкурро фаромӯш кардааст.**

Прокуратураи зиддикоррупсионии Украина вазири энергетика ва саноати ангишт Игор Насаликро ба пардохт накардани 1,249 миллион доллар қарзи соли 2014 гирифтааш гумонбар донистааст.



Прокуратура хабар додааст, ки вазир дар эъломияи андозиаш нишон додани маблағи мазкурро «фаромӯш» кардааст, ҳарчанд, ки мутобиқи қонун «Дар бораи пешгирии корруптсия» ӯ вазифадор буд, ки дар бораи қарзи гирифтааш ба хадамоти андоз хабар медод.

Тавре гуфта мешавад, агар гуноҳи вазир собит гардад, ӯро то ду соли зиндон ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи давлатӣ ба муддати се сол интизор аст.

http://taxpravo.ru

# Такмили дониши касбӣ

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи баланд бардоштани дониши касбӣ ва малакаи кории кормандони мақомоти андоз диққати аввалиндараҷа медиҳад.**



Мудири бахши Маркази такмили ихтисос дар вилояти Хатлон Баҳром Қуватов изҳор дошт, ки ҳар моҳ барои кормандони мақомоти ҳудудии андоз дарсҳои гуногун гузаронида мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дарсҳои омӯзишии роҳандозишуда натиҷаи хуб дода истодааст.

Бо мақсади такмили дониши касбӣ ва малакаи кории кормандони мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати иҷрои Фармоиши сардори Раёсати андоз дар вилояти Хатлон «Оид ба гузаронидани машғулиятҳои тахасусӣ» давоми моҳҳои май ва июни соли 2019 курси бозомӯзии кӯтоҳмуддат гузаронида шуд. Дар курси мазкур кормандони шуъба ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо ва сармутахассис – сармуҳосибони мақомоти ҳудудии андоз иштирок намуданд.

Б. Қуватов дар ин робита гуфт, ки мавзӯъҳои дарсӣ бо мақсади такмил додани сатҳи дониши касбии кормандон ба инобат гирифта шуда, тартиби амалан иҷро намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои мансабӣ дар самти баҳисобгирии даромадҳо ва муҳосибот ба ҳисоб мерафт. Хусусан, мавазӯъҳои Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», инчунин Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз, тартиби татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ ва ситонидани маблағи он ба буҷет ба иштирокчиён шарҳ дода шуд.

Дар рафти машғулиятҳо амалан дар бораи ҳисоб намудани музди маош ва аз он нигоҳ доштани андозҳо, тартиби гузаронидани маблағҳои нигоҳдошташуда ба суратҳисобҳои дахлдор, тартиби таҳияи тавозуни муҳосибавӣ ва пешниҳоди он аз тарафи мутахассисон низ сухан гуфт.

Баҳром Қуватов илова кард, ки дар анҷоми машғулиятҳо аз ҷониби комиссияи санҷишӣ сатҳи дониши касбии иштирокчиёни курс ва малакаи онҳо доир ба корбарӣ бо барномаҳои дахлдори компютерии СМИИА санҷида шуд. Ғайр аз ин, барои кормандони Раёсати андози вилоят ҳамарӯза дарсҳои дохилӣ ташкил гардидааст.

**С. РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**




# Тадбир баҳри коҳиши қарз

**22 июни соли 2019 дар толори видеоконференсияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода, сардори шуъбаи Раёсати ташкили андозбандӣ Собирҷон Исоев, мутахассиси Раёсати ташкили андозбандӣ Бахтибек Рустамов ва сардорони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ дар нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва кормандони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда ҷаласаи корӣ баргузор гардид.**

Ҳамзамон, дар толорҳои видеоконференсияҳои шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ, ки бо толори видеоконференсияи Кумитаи андоз пайвастанд, сардорони шуъбаҳои ташкили андозбандӣ дар раёсатҳои андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва тамоми кормандони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда ширкат доштанд.

Ҷаласаи кориро, ки ҳадаф аз баргузории он, аслан, аз баррасии нишондиҳандаҳои самти фаъолияти гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунанда дар самти кам кардани бақияпулиҳо, рафти ҷамъоварии маблағҳои патент дар моҳи июн ва 5 моҳи соли 2019 ва вазифаҳо барои давраи минбаъда иборат буд, сардори Раёсати ташкили андозбандӣ Шамсулло Кабирзода ифтитоҳ кард.

Ӯ аз ҷумла зикр намуд, ки новобаста аз таъкидҳои пайваста, ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ ва чораҷӯиҳои кормандони масъул мутаассифона, ҳоло ҳам раванди ҷамъоварии маблағи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда дар мақомоти ҳудудии андоз дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Ҷамъоварии маблағи патент аз ҷониби як қатор нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи дахлдор қарор надошта, ҳамзамон бақияпулиҳои андоз аз ин ҳисоб афзоиш ёфтааст.

Қайд гардид, ки сабаби пурра ҷамъоварӣ нагардидани маблағҳои патент, асосан, дар сатҳи дахлдор анҷом надодани корҳои фаҳмонадиҳию назоратӣ, сари вақт пурра ба қайд нагирифтани шахсони воқеие, ки бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ба ҳисоб меравад. Ҷамъоварии маблағи патент дар 5 моҳи соли 2019 дар ҷумҳурӣ дар ҳаҷми 79,1 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 105,7 млн. сомонии пешбинишуда ба буҷетҳои дахлдори маҳаллӣ 83,6 млн. сомонӣ маблағ ворид шудааст, ки нисбат ба маблағи муайяншуда 22,0 млн. сомонӣ кам мебошад.

Дар ин давра ҷамъоварии маблағи патент аз ҳисоби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ, дар маҷмӯъ, ба андозаи 63,9 фоиз, вилоятҳои Хатлон 69,7 фоиз, Суғд 90,2 фоиз, шаҳри Душанбе 77,5 фоиз ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба андозаи 74,4 фоиз таъмин шудааст. Гарчанде ҷамъоварии маблағи андозҳо аз ин ҳисоб дар 5 моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта афзоиш ёфтааст, аммо корҳои анҷомдодашуда дар ин самт нокифоя буда, беҳбудиро талаб менамояд.

Масъалаи бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда низ дар ҷаласа баррасӣ гардид. Қайд шуд, ки тибқи махзани маълумоти барномаи компютерии СМИИА (тафсири 1) дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 майи соли 2019 маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби патент (бо дарназардошти изофапулиҳо) 36,2 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли 2019 маблағи изофапулиҳо, дар маҷмӯъ, ба андозаи 3450,5 ҳазор сомонӣ ва маблағи қарзи андозҳо ба андозаи 6602,3 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Шамсулло Кабирзода афзуд, ки маблағи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда бе дарназардошти изофапулиҳои андоз дар мақомоти ҳудудии андоз 49,3 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки аз ин 13,8 млн. сомонии он ба вилояти Хатлон, 9,8 млн. сомонӣ ба вилояти Суғд, 16,9 млн. сомонӣ ба шаҳри Душанбе ва 8,8 млн. сомонӣ ба нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд. Дар мақомоти ҳудудии андоз шумораи соҳибкорони инфиродӣ, ки аз ҳисоби маблағи патент қарзи андоз доранд, 38719 нафар ва маблағи бақияи қарзи андозҳои онҳо 49,3 млн. сомониро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 20678 нафари соҳибкорон то 300 сомонӣ, 9686 нафари дигар аз 300 сомонӣ то 1000 сомонӣ ва 8255 нафари дигарро зиёда аз 1000 сомонӣ ташкил медиҳад.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, зикр шуд, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз бо мақсади рӯёнидани маблағи бақияи қарзи андозҳои соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда мавод ҷамъоварӣ ва ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати таъсиррасонӣ, кам кардани маблағи қарзи андозҳо ва шумораи соҳибкорони бефаъолият дар мақомоти андоз пешниҳод намешавад. Ҳолати мазкур шаҳодат медиҳад, ки фаъолияти андозсупорандагон, аз ҷумла, дар мавриди коҳиш додани бақияи қарзи андоз, аз ҷониби шахсони мутасаддӣ мавриди таҳлил ва коркарди минбаъда қарор намегирад.

Тибқи маълумоти мақомоти ҳудудии андоз ва корҳои анҷомёфта дар ин самт ҳолатҳои аз ҷониби шахсони воқеӣ бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани онҳо ба назар мерасад. Таъкид гардид, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дар панҷ моҳи соли 2019, дар маҷмӯъ, 10710 нафар соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, 8531 нафар соҳибкор фаъолияти худро расман дар бахшҳои бақайдгирӣ қатъ кардаанд. Тамоюли афзоиши соҳибкорон дар ин давра 2179 нафарро ташкил медиҳад, ки ин ҳолат ба талабот ҷавобгӯ нест.

Ҳамзамон, дар рафти ҷаласа нишондиҳандаҳои фаъолияти гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунандаи мақомоти ҳудудии андоз дар алоҳидагӣ баррасӣ гардид. Сардорони шуъбаҳои ташкили андозбандии Раёсати андоз дар ВМКБ, раёсатҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, шахсони мутасаддии Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва сардорони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадор карда шуданд, ки фаъолияти гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони тибқи патент фаъолияткунандаро таҳти назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Ҳамчунин, таъкид шуд, ки ҳангоми муошират ва баррасии муроҷиатҳои соҳибкорони инфиродӣ дар доираи талаботи Кодекси андоз, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андоз ва Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон амал намоянд. Илова бар ин, дар бозору марказҳои калони савдо ва нуқтаҳои хизматрасонии наклиётӣ пайваста семинар-машваратҳо вохӯриҳо гузаронида, талаботи қонунгузории андозро ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон фаҳмонанд.

Дар интиҳо, ба мутахассисони нозиротҳои андоз дастур дода шуд, ки дар сурати ҷой доштани камбудиҳо дар барномаи компютерӣ, тариқи хаттӣ ба унвонии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

Аз рӯи натиҷаи масъалаҳои баррасишуда ҷаласаи корӣ қарорҳои дахлдор қабул намуда, ҳамзамон ба масъулон ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо, кам кардани ҳаҷми бақияпулиҳо ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои фаъолият муҳлат дода шуд.

**Т. ЗИКРУЛЛОЗОДА**

# Ҷамъбасти фаъолияти нимсола

**Дар Раёсати андоз дар вилояти Суғд оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти мақомоти андози вилоят дар нимсолаи аввали соли 2019 ҷаласа доир гардид, ки дар он муовини Раиси вилояти Суғд Анвар Яъқубӣ, роҳбарияти Раёсати андози вилояти Суғд ва сардорони шуъбаҳои он, сардорони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо ширкат доштанд. Ҷаласа ҳама паҳлӯҳои фаъолияти Раёсати андози вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии онро аз рӯи ҷамъбасти натиҷаҳои нимсолаи аввали соли 2019 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.**

Ҷаласаро сардори Раёсати андози вилояти Суғд Абдуқаюм Воҳидов ифтитоҳ намуда, нахуст аз мулоқоти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо, ки санаи 10 майи соли ҷорӣ баргузор гардида буд, ёдовар шуд.

Ӯ қайд кард, ки дар заминаи татбиқи нақшаи чорабиниҳо мақомоти андози вилояти Суғд кӯшиш намуд, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019»-ро таъмин ва ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва, дар маҷмӯъ мусоидат кардан ба рушди соҳибкорӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ қисми даромади буҷети давлатӣ дар вилояти Суғд ба андозаи 102,4% таъмин гардида, ба буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 1400,2 млн. сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 33,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра, иҷрои андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ҳамагӣ дар ҳаҷми 98,7 фоиз ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 96,8 фоиз таъмин карда шуд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 5,1 млн. сомонӣ маблағ ворид нагардид.

Таҳлили маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо аз рӯи намудҳо дар алоҳидагӣ нишон дод, ки дар бисёр нозиротҳои андоз вазни қиёсии маблағҳои ҳисобшуда торафт тамоюли пастравӣ дорад. Аз ҷумла, ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Панҷакент, Истиқлол, Деваштиҷ, Зафаробод, НАМ Истаравшан, НАМ Ҷ. Расулов, НАМ Бӯстон ва НАМ Спитамен, андоз аз фоида дар шаҳру ноҳияҳои Истиқлол, Айнӣ, андоз аз захираҳои табиӣ дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Деваштиҷ, Мастчоҳ, Спитамен, Ҷ. Расулов, НАМ Хуҷанд, Истаравшан, Ҷ. Расулов ва Б. Ғафуров, андози низоми содакардашуда дар шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Истиқлол, Айнӣ, Ашт, Деваштиҷ, Зафаробод, Мастчоҳ, Спитамен нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба ҷои афзоиш кам гардидааст.

Тибқи маълумот бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1 июни соли 2019 бо дарназардошти андозсупорандагони шуъбаҳои нозиротҳои андозсупорандагони калон ва миёна дар вилояти Суғдбуда 102,6 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба аввали сол ба маблағи 4,7 млн. сомонӣ кам мебошад. Нисбати андозсупорандагони қарздор дар ин давра 942 қарор оид ба чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 33,2 млн. сомонӣ қабул гардидааст. Аз ҳисоби қарорҳои қабулшуда ба буҷети давлатӣ 11,8 млн. сомонӣ рӯёнида шуда, 34,8 фоизро ташкил медиҳад.

Шумораи андозсупорандагони қарздор дар вилоят ба санаи 01.06.2019-ум 9887 ададро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 1074 адад кам гардидааст. Афзоиши шумораи қарздорон дар ин давра дар нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 23 адад, Айнӣ 16 адад, Б. Ғафуров 38 адад ва Шаҳристон 20 ададро ташкил додааст.

Дар ин муддат аз ҷониби мақомоти андоз ба 4246 андозсупорандаи қарздор оид ба пардохти бақияи қарз ба маблағи умумии 32,7 млн. сомонӣ огоҳинома равон карда шудааст. Аз ин ҳисоб ба буҷет ба маблағи 15,1 млн. сомонӣ маблағи қарзи андозҳо ворид гардидааст.

Ба ҳолати 1-уми июли соли 2019 дар миқёси вилояти Суғд 34909 нафар соҳибкори инфиродии бо патент фаъолияткунанда ба қайд гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 38,6 млн. сомонӣ андозҳо ворид гардидааст. Шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1937 нафар зиёд гардида, ҷамъоварии андозҳо низ ба андозаи 5,8 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Нақшаи ҷамъоварии маблағи патент дар ин давра 93,4 фоиз таъмин гардид.

Дар миқёси вилоят 72518 нафар сохибкори инфиродӣ бо дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ба қайд гирифта шуда, аз тарафи онҳо ба маблағи 99,5 млн. сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷет ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи соҳибкорон 2704 нафар ва маблағи пардохтшудаи андозҳо 6,3 млн. сомонӣ зиёд аст.

Пардохти маблағи андозҳо аз тарафи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (бе хоҷагии деҳқонӣ), ба ҳар як соҳибкор дар як моҳ ба ҳисоби миёна ба маблағи 802 сомонӣ рост меояд. Аммо ин нишондод дар шаҳру ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ба маблағи 181 сомонӣ, Зафаробод 116 сомонӣ ва Бӯстон 19 сомонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам шудааст.

Тибқи таҳлилҳо аз шумораи умумии соҳибкорон 4650 адад ё худ 16,6 фоиз бефаъолият буда, 2854 нафар соҳибкор ё худ 26,3 фоиз эъломияи андози низоми содакардашударо мунтазам ба таври сифрӣ пешниҳод менамоянд. Даромади умумии 4831 адад ё худ 78,1 фоизи соҳибкорон то 100 ҳазор сомонӣ, 1239 адад ё худ 20,0 фоиз аз 100 то 300 ҳазор сомонӣ, ҳамагӣ 98 адад ё худ 1,6 фоиз аз 300 то 500 ҳазор сомонӣ, 18 адад ё худ 0,3 фоиз аз 500 то 1 млн. сомонӣ ва ҳамагӣ 3 адад ё худ 0,01 фоиз зиёда аз 1 млн. сомониро ташкил додааст. Аксарияти соҳибкорон дар тамоми шаҳру ноҳияҳо даромади умумиро барои сол на зиёда аз 100 ҳазор сомонӣ нишон додаанд, ки барои рӯйпӯш намудани хароҷот нокифоя буда, аз набудани назорат дар ин самт гувоҳӣ медиҳад.

Мутобиқи маълумоти Кумитаи заминсозӣ ба санаи 1 январи соли 2019 дар миқёси вилоят 67571 адад хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ мавҷуд аст, ки аз ин шумора 61776 адад ба қайд гирифта шуда, шумораи хоҷагиҳои деҳқонии беқайд 5795 ададро ташкил медиҳад. Ба санаи 01.07.2019 шумораи хоҷагиҳои деҳқонии бақайдгирифташуда 62832 ададро ташкил менамояд. Яъне дар 6 моҳи соли 2019 ба миқдори 1497 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шуда, ба миқдори 4739 адад хоҷагии деҳқонии бе қайди мақомоти андоз фаъолияткунанда боқӣ мондааст. Ба санаи 01.07.2019 дар вилоят ба миқдори 4218 адад хоҷагии деҳқонӣ эъломияи андозро пешниҳод накардаанд. Аз ҷумла, нишондоди пасти эъломия пешниҳод накардан дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 803 адад, Истаравшан 746 адад, Мастчоҳ 551 адад, Зафаробод 431 адад, Конибодом 432 адад, Ашт 443 адад, Б.Ғафуров 209 адад ва Ҷ.Расулов 162 дида мешавад.

Дигар масъалае, ки дар ҷаласаи ҷамъбасти фаъолияти мақомоти андози вилояти Суғд таҳлили амиқ ёфт, рафти баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаи замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ буд. Дар асоси фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2017, №192 мӯҳлати ниҳоии баҳисобгирии (инвентаризатсияи) объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаи замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ то 01.01.2019 муқаррар гардида буд. Бинобар сабаби сифатнок ва сари вақт ба анҷом нарасонидани раванди баҳисобгирӣ дар мақомоти ҳудудии андоз мӯҳлати Фармоиши мазкур санаи 12.02.2019, №64 тамдид карда шуда, мӯҳлати ниҳоии он то 01.01.2020 муқаррар ва тартиби ворид намудани санадҳо тибқи модули нави барномаи "Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо" ба роҳ монда шудааст.

Гарчанде раванди баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар вилоят барзиёд иҷро гардида бошад ҳам, ин нишондиҳандаҳо нокифоя буда, бо дарназардошти ба тадриҷ афзоиш ёфтан ба истифодаи қисми зиёди сохтмонҳои хонаҳои истиқоматӣ ва тиҷоратӣ заминҳое, ки барои сохтмони манзил дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ҷудо гардидаанд, дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят аз андозбандӣ дур мондаанд. Бо вуҷуди он ки воридкунии санадҳои тартибдодашудаи баҳисобгирӣ ба барномаи компютерӣ тавассути модули нав ба роҳ монда шудааст, дар нимсолаи аввали соли 2019 аз тарафи кормандони шуъба ва бахшҳои ташкили андозбандии шахсони воқеӣ дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Панҷакент, Бӯстон ва Зафаробод масоҳатҳои андозбандишавандаи шахсони воқеӣ ба барномаи компютерӣ ворид нашудааст. Дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд аз 870 адад объекти баҳисоб гирифташуда танҳо 38 адад ё худ 4,3%, Б.Ғафуров аз 165 адад танҳо 16 адад ё худ 9,7%, Мастчоҳ аз 366 адад танҳо 54 адад ё худ 14,7% ба барнома ворид шудааст. Ҳол он ки мақсад аз истифодаи барномаи мазкур ба андозбандӣ ҷалб намудани соҳибмулкон ё худ супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул буда, минбаъд воридоти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул тавассути барномаи компютерӣ ташкили маҳзани маълумот мебошад. Аз маълумотҳои овардашуда маълум мегардад, ки ҳолати воридкунии бақияи андози молу мулки ғайриманқул ва андози замин ба ҳисобварақаи андозсупорандагони шахсони воқеӣ дар сатҳи паст қарор дошта дар аксарият шаҳру ноҳияҳо ин кор ҳоло ба охир расонида нашудааст.

Гузариш ба шакли электронии пешниҳоди ҳисоботи андоз аз ҷониби андозсупорандагон дар маркази диққати мақомоти андоз қарор дорад. Аз рӯи маълумот ба санаи 1-уми июли соли 2019 дар вилояти Суғд 50,3 фоизи андозсупорандагон ба шакли электронии пешниҳоди ҳисоботи андоз гузаронида шудаанд. Яъне аз 83696 адад андозсупоранда то ин сана 42084 ададӣ онҳо ба системаи электронӣ пайваст мебошанд. Аз он ҷумла 9366 адад (80,1%) шахсони ҳуқуқӣ ва 32718 нафар (45,4%) соҳибкорони инфиродианд.

Дар хотима Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии он вазифадор шуданд, ки минбаъд боз ҳам пурсамар фаъолият намуда, нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2019"-ро сари вақт ва бо сифат таъмин намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# На Украине назвали первую зарплату Зеленского



Первая зарплата Владимира Зеленского на должности президента Украины составила 12,7 тысячи гривен (приблизительно 483 доллара). Об этом сообщает издание «Фактор» со ссылкой на ответ администрации президента.

В официальном документе говорится, что из оклада удержано 2,4 тысячи гривен (94 доллара) обязательных сборов и налогов. Сама же заработная плата была депонирована - передана на сохранение.

Ранее Государственное управление делами президента сообщало, что бывший президент Петр Порошенко заработал в 2018 году 270,5 тысячи гривен (более 9,5 тысячи долларов). Эта сумма была перечислена в благотворительный фонд.

**https://rg.ru**

# Интиқоли электронии маълумот




**Дар семинар-машварате, ки бо иштироки кормандони мақомоти андоз, ҶСП "Фароз-пардохт" ва андозсупорандагони дар вилояти Хатлон ба хариду фурӯши сузишворӣ машғулбуда, баргузор гардид, сабабҳои сари вақт иҷро нагардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои муомилоти маҳсулоти нафту газ ва талабот нисбат ба низомӣ компютерӣ оид ба назорати хизматрасонии электронии онҳо» аз 01.03.2018, №82 мавриди баррасӣ қарор гирифт.**

Дар семинар-машварат нахуст муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон қайд кард, ки гузариш ба низоми электронии нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ таҷриба авvalин нест. Дар дигар давлатҳо низ дар фаъолияти нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ барномаи автоматикунонӣ ҷорӣ гардида, мавриди корбарӣ қарор гирифтааст. Бинобар ин, риоя ва назорати иҷрои қарори мазкур барои дар амал татбиқ намудани маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд.

Номбурда гуфт, ки тибқи талаботи қарори мазкур гузариш ба муомилоти яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ бо истифодаи низоми электронии баҳисобгирии амалиёти интиқоли нафту газ аз 1 июли соли 2018 амалӣ шуда, ба субъектҳои хоҷагидоре, ки бо савдои яклухт ва чаканаи маҳсулоти нафту газ машғул мебошанд, ҷиҳати насби нуқтаҳои автоматикунонии пуркунандаи сӯзишворӣ ва анборҳои маҳсулоти нафту газ бо таҷҳизоти дорои низоми электронии баҳисобгирии амалиёт нафту газ то санаи 1 сентябри соли 2018 мӯҳлат дода шуда буд. Мутаассифона, қарори мазкур дар вилояти Хатлон то ҳол татбиқ нашудааст.

Баъдан, сардори Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Давлатзода сухан гуфт. Мавсуф қайд намуд, ки ба ҳолати 1-уми июни соли 2019 аз 1053 адад НФС танҳо 697 адади он ба барномаи автоматикунонӣ пайваст гардидааст, ки 66 фоизи нуқтаҳои фурӯши сузишвориро дар бар мегирад. Нобобаста аз он ки 697 НФС ба барномаи автоматикунонӣ пайваст шудааст, бо сабабҳои фарсуда будан ва ба талаботи барномаи автоматикунонӣ ҷавобгӯй набуда, на ҳамаи колонкаҳои нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ба барномаи мазкур пайваст шудаанд.

Айни замон дар вилояти Суғд танҳо 95 фоизи колонкаҳо, шаҳрҳои Душанбе 90 фоиз, Турсунзода 90 фоиз, Ҳисор 25 фоиз, ноҳияи Шаҳринав 90 фоиз ва дигар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 25 то 30 фоиз ба барномаи автоматикунонии махзани коркарди маълумот насб шудааст. Насби колонкаҳо дар вилояти Хатлон ғайриқаноатбахш мебошад. Бинобар ин, мақомоти андоз дар вилояти Хатлон вазифадор гардиданд, ки дар якҷоягӣ бо кормандони Маркази хизматрасонии техникии ҶСП "Фароз-пардохт" корро ҷонок намуда, то охири соли ҷорӣ ҳамаи нуқтаҳои фурӯши сӯзишвориро ба барномаи автоматикунонӣ пурра пайваст намоянд.

Дар идома масъалаҳои сари вақт таъмин нагардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, №82 дар самти автоматикунонии колонкаҳои нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва сбабаҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Гуфта шуд, ки сабаби аслӣ ин ба талабот ҷавобгӯй набудани колонкаҳои нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар вилояти Хатлон мебошад.

Маълумот дода шуд, ки айни замон ҳамаи нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории ҶДММ «Газпромнефт Тоҷикистон» ва ҶДММ «Аллат» пурра ба барномаи автоматикунонии ҶСП "Фароз-пардохт" пайваст буда, маълумоти онҳо ҳамарӯза дар шакли «онлайн» ба махзани маълумоти Кумитаи андоз ворид мегардад. Инчунин, дар назар дошта шудааст, ки то охири соли 2019 ҳамаи колонкаҳои нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории кишвар ба барномаи автоматикунонӣ пурра пайваст гардида, интиқоли маълумотро ба махзани маълумоти Кумитаи андоз таъмин намоянд.

Ҳамзамон, тавре таъкид гардид нисбати андозсупорандагоне, ки аз иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2019 №82, ё аз бастани шартномаи сетарафа саркашӣ мекунанд, пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида мешавад.

Гуфта шуд, ки имрӯз масъалаи асосии ташвишовар ин бо ҳар роҳу восита саркашӣ ва насб накардани калонкаҳои НФС ба барномаи автоматикунонӣ ба ҳисоб меравад. Яъне истифода намудани НФС аз колонкаҳои иловагӣ, дахолати беасос ба барномаи мазкур дохил намудани рақамҳои иловагӣ, хомуш намудани модем аз компютери НФС ва ғайраҳо мебошад.

Чуноне он таъкид шуд, новобаста аз дахолати беасоси андозсупоранда ба барномаи автоматикунонӣ, аз тарафи мутахассисони МХТ ҶСП "Фароз-пардохт" масъалаи мазкур ошкор ва пешгирӣ мешаванд. Бинобар ин, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шуданд, ки дар якҷоягӣ бо мутахассисони ҶСП "Фароз-пардохт" корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни андозсупорандагон пурзӯр намоянд.

Хотиррасон гардид, ки барои муайян намудани сабабҳои сари вақт иҷро нагардидани бандҳои қарори мазкур дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, барои гузаронидани корҳои назоратӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорие, ки ба харид ва фурӯши сӯзишворӣ дар вилояти Хатлон машғуланд, сафарбар шудааст. Ин гурӯҳ дар давоми соли 2018 ва панҷ моҳи соли 2019 бо субъектҳои соҳибкорие, ки ба харид ва фурӯши сӯзишворӣ машғуланд, 8 маротиба семинар-машварат гузаронидааст.

- Яке аз масъалаҳои ташвишовар дар самти истифодаи НФС ин нишон надодани шумораи кормандони кироя, дуруст ҳисоб ва пурра пардохт накардани андози иҷтимоӣ ва андози даромад аз ҳисоби кормандони кироя дар ҳисобот ва пурра нишон надодани ҳаҷми воқеии фонди музди меҳнат мебошад,- зикр шуд дар ҷаласа. - Кам нишон додани музди маош дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Кӯлоб ва дигар шаҳру ноҳияҳои тобеи вилояти Хатлон ба назар мерасад. Бинобар ин, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон ва мақомоти ҳудудии андози вилоят вазифадор гардиданд, ки дар вақти гузаронидани корҳои назоратӣ ва қабул намудани эъломияҳои андозсупорандагон ба шумора ва музди маоши онҳо аҳамияти ҷиддӣ диҳанд.

Сипас директори ҶСП "Фароз-пардохт" Ё. Бегаҳматов қайд намуд, ки ин ширкат ҳамчун маркази хизматрасонии техникӣ ба ҳисоб рафта, дар доираи талаботи созишномаи сетарафа байни Кумитаи андоз, ҶСП "Фароз-пардохт" ва андозсупорандагон фаъолият мекунад. ҶСП «Фароз-пардохт» омодааст, ки бо намояндагони Кумитаи андоз ва андозсупорандагон пайваста ҳамкорӣ намуда, барои дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, №82 саҳмгузор бошад.

Дар рафти семенар-машварат вобаста ба масъалаҳои андозбандии ширкатҳое, ки ба харид ва фурӯши чаканаи сӯзишворӣ машғул мебошанд, аз ҷониби иштирокдорон-ҶДММ "Абдухалилҷон", ҶДММ "Усто Ғоиб", ҶДММ "Бобои Камол", ҶДММ "Муҳиддин Наҷмиддин", ҶДММ "Баҳор" таклифу пешниҳодҳо манзур гардиданд.

Дар охир таъкид гардид, ки андозсупорандагон метавонанд барои ҳалли масъалаҳои андозбандӣ, тағйиру иловаҳои ба Кодекси андоз воридгардида, инчунин нисбати амали (бе амалии) кормандони мақомоти андоз тавассути почтаи электронӣ (info@andoz.tj) ва телефони «боварӣ»-и Кумитаи андоз ба Бахши иттиллоотӣ бо рақами телефонии содакардашудаи «151» ва телефони 44-610-04-04 муроҷиат намоянд. Мутахассисони мақомоти андоз дар якҷоягӣ бо намояндагони ҶСП «Фароз-пардохт» омодаанд, ки ба саволҳои андозсупорандагон посух диҳанд. Инчунин, барои гирифтани маълумоти муфассал андозсупорандагон метавонанд аз сомона ва рӯзномаи «Боҷу хироҷ» истифода намоянд.

Дар охир, аз рӯи натиҷаи масъалаҳои баррасишуда қарор қабул гардид.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Турецкие отельеры не планируют отказываться от системы «все включено»

**Туристическая отрасль Турции не планирует отказываться от системы «все включено» (all inclusive), так как она привлекательна и для туристов, и для отелей, заявил РИА Новости глава федерации отельеров страны Осман Айык.**

«Система «все включено» продолжает работать в Турции, речи об отказе от нее не идет. Некоторые отели по своему желанию могут применять разные ее варианты, используя систему «под себя». Она особенно привлекательна для семей с детьми. Туристы заранее знают свои расходы и строят свои планы на основе уже известных цифр. Что касается нас, принимающей стороны, то мы также рассчитываем заранее свои расходы с помощью этой системы и обеспечиваем своих клиентов гарантией, что они получат оплаченный набор услуг», - сказал собеседник агентства.

По его словам, для клиентов система «все включено» выгодна при любых обстоятельствах, однако для отелей существуют определенные риски.

«Условия, при которых отельеры рассчитали свои расходы и продали свои услуги, могут отличаться от тех условий, когда клиенты приезжают в отель. К этому моменту могут вырасти стоимость коммунальных услуг, налоги, цены на продукты питания, топливо, транспортные услуги, может измениться валютный курс, поэтому хотите вы или нет, но ваши расходы увеличиваются и перед вами встают проблемы», - отметил Айык.

Он добавил, что эти риски относятся исключительно к гостиничному предприятию, они никак не отражаются на кошельке клиента, который уже приобрел путевку по системе «все включено».

**https://ria.ru**

# Натиҷаи фаъолият

**12 июли соли 2019 дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо иштироки муовини якуми Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аюбҷон Солеҳзода, сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Мизроб Асадуллозода, сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур Саъдулло Алимадов ва кормандони нозироти андози ноҳияи мазкур ҷаласа баргузор гардид, ки дар он масъалаи натиҷаи фаъолияти Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур барои нимсолаи якуми соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъда баррасӣ шуд.**

Нахуст сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур Саъдулло Алимадов қайд кард, ки нозироти андози ноҳия дар шаш моҳи соли 2019 нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро, дар маҷмӯъ, 91 фоиз таъмин карда, ба ҷои 125675,3 ҳазор сомонии пешбинишуда, ба буҷети мамлакат (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) 114390,4 ҳазор сомонӣ ворид намуд, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 11,4 ҳазор сомонӣ кам аст. Зикр шуд, ки нозироти андози ноҳия дар ин давра аз уҳдаи иҷрои 3 намуди андоз баромада натавонист.

Дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур дар ин давра 6410 адад андозсупоранда, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ 1809 нафар, соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда 1988 нафар ва соҳибкорони дар асоси патент фаъолияткунанда 2613 нафар ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудаанд.

Саъдулло Алимадов афзуд, ки дар ин давра тибқи барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА) 1047 нафар шахси воқеӣ ҳамчун иҷорадиҳандаи молу мулки ғайриманқул ба қайд гирифта шудааст ва масоҳати молу мулки ба иҷорададашуда 114573 метри мураббаъро ташкил намудаанд. Даромади умумии онҳо дар як сол 56,0 млн. сомонӣ ва маблағи андоз аз даромади шахсони воқеӣ ҳисобшуда 7,3 млн. сомониро ташкил медиҳад. Аз маблағи ҳисобшуда дар шаш моҳи соли 2019 ба буҷет 4,4 млн. сомонӣ ворид гардидааст.

Дар шаш моҳи соли 2019 – ум 183 нафар иҷорадиҳандаи молу мулк ба қайд гирифта шудааст. Дар ин давра 3579 нафар шахси воқеӣ ва 46 нафар шахси ҳуқуқӣ бо рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) таъмин гардида, барои кушодани суратҳисоб ба 65 нафар соҳибкори инфиродӣ ва 132 нафар шахси ҳуқуқӣ мактуби ахборотӣ дода шуд. Инчунин, ба 3845 шаҳрванд ва андозсупоранда оид ба мавҷуд набудани бақияи қарзи андоз ва дар қайди мақомоти андоз будан ё набудан маълумотнома пешниҳод шудааст. Дар шаш моҳи соли 2019 дар нозироти андози ноҳия бо шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, дар маҷмӯъ, 3515 адад санади муқоисавӣ тартиб дода шудааст, ки 54 фоизи шумораи умумии андозсупорандагон (аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ 898 адад, соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 1470 адад ва соҳибкорони дар асоси патент амалкунанда 1350 адад)-ро ташкил медиҳад.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар асоси ду Амрномаи сардори Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур дар ҳудуди ноҳия санҷишҳои амалиётӣ гузаронда шудааст. Дар натиҷа, 39 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ, 4 ҳолати истифода накардан аз МНХ-и дорои ТИЭ ва дар ҳисоботи андозӣ дарҷ накардани 21 нафар коргари кироя, 14 ҳолати вайрон кардани тартиби истифодаи МНХ ошкор гардида, шахсоне, ки бе қайд фаъолияти соҳибкорӣ мекарданд, бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин шуданд. Ҳамзамон, дар рафти санҷиш камбудиҳои ошкоршуда бартараф гардида, нисбати шахсони ба қонуншиканиҳои андоз дастзада, дар маҷмӯъ, оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба маблағи 89,3 ҳазор сомонӣ 35 протокол тартиб ёфта, маблағи зикршуда пурра ба буҷети мамлакат рӯёнда шуд.

Дар интиҳо, аз ҷониби роҳбарияти мақомоти андоз ба кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо, кам кардани бақияи қарзи андоз, пурра ба қайд гирифтани манбаи андозбандишаванда ва хубу босифат иҷро шудани нақшаи қисми даромади буҷет дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Назорат - омили пешрафт

**Гузарондани корҳои назоратӣ, махсусан, санҷишҳои амалиётӣ, муоинаи хронометражӣ, назорати камералӣ, хариди назоратӣ ва таъмини воридоти сариваҷтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз маҳсуб мешавад.**

Кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе вобаста ба ин дар нимсолаи аввали соли 2019 дар фаъолияти 306 андозсупоранда ба маблағи 3 миллиону 530 ҳазор сомонӣ назорати камералӣ гузарониданд, ба андозсупорандагон мутобиқи қисми 3 моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳиномаҳо ирсол намудаанд. Пас аз пешниҳоди огоҳинома аз тарафи андозсупорандагон ба маблағи 3 миллиону 41 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардид.

Дар шаш моҳи аввали соли 2019 аз ҳисоби эъломияҳои пешниҳодшуда ба буҷет 2 миллиону 603,3 ҳазор сомон ворид ва 75 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби ҳақдорӣ пӯшонида шудааст.

Инчунин, нисбати 1 андозсупоранда аз рӯи натиҷаи назорати камералӣ ба маблағи 241,2 ҳазор сомонӣ бо дарназардошти ҷарима ва фоизҳо қарор қабул гардидааст.

Дар ин давра, аз тарафи кормандони нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ дар фаъолияти 188 андозсупоранда санҷишҳои риояи қонунгузории андоз ва санҷишҳо оид ба қатъи фаъолият гузаронида шудааст. Маблағи барилова ҳисобшуда, ки 148,2 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, пурра ба буҷет ворид гардидааст.

Ҳамчунин, нисбати се нафар андозсупоранда санҷишҳои хронометражӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, даромади умумии моҳонаи андозсупорандагони таҳти санҷиш қарордошта аз 48,9 ҳазор сомонӣ ба 98,5 ҳазор сомонӣ зиёд гардонида шуд, ки фарқияти он 49,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар фаъолияти 45 андозсупоранда хариди назоратӣ низ ба роҳ монда, барои риоя накардани қонунгузории андоз нисбаташон 45 протоколи маъмурӣ тартиб дода шудаанд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Татбиқи муқарраroти қонунгузорӣ

**13-уми июли соли 2019 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ бо иштироки сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода оид ба натиҷаҳои фаъолият дар шашмоҳаи аввали соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъдаи соли 2019 ҷаласа баргузор гардид.**

Сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ Фаррух Сафарализода оид ба натиҷаи фаъолияти нозироти андоз дар шашмоҳаи аввали соли 2019 ва вазифаҳо барои давраҳои минбаъдаи соли 2019 баромад намуд. Ӯ қайд намуд, ки дар ин давра нақшаи андозҳо ва андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 98,7 фоиз таъмин гардида, ба ҷои 112 миллиону 878 ҳазору 100 сомонӣ, ба буҷет 111 миллиону 436 ҳазору 900 сомонӣ ворид гардидааст. Ҳамчунин, нақшаи андозҳо дар ин давра ба андозаи 100 фоиз иҷро гардида, ба ҷои 87 миллиону 194 ҳазор сомонӣ ба буҷет 87 миллиону 194 ҳазор сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 миллиону 866 ҳазору 100 сомонӣ зиёд аст.

Номбурда зикр намуд, ки дар ин давра нақшаи андози даромад аз шахсони воқеӣ (89,3 фоиз), андоз аз фоида (56,3 фоиз), андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ (94,5 фоиз) ва андози низоми содакардашуда (97,8 фоиз) таъмин нашудааст, ки аз ин ҳисоб ба буҷет 8 милиону 64 ҳазор сомонӣ ворид нагаштааст.

Ф. Сафарализода сабаби иҷро нагардидани нақшаи воридоти 4 намуди андозро, пеш аз ҳама, ба коҳиш ёфтани фаъолияти аксар корхонаҳои сохтмонӣ, ширкатҳои алоҳида, бонкҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ ва дигар омилҳо маънидод намуд.

Гуфта шуд, ки ба ҳолати 1-уми июни соли 2019 бақияи қарзи андоз дар ноҳия 4 миллиону 662 ҳазор сомониро ташкил намуд, нисбат ба 1-уми январи соли 2019 ба андозаи 30 ҳазор ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Дар ин давра, кормандони нозироти андоз 356 ҳолати ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ аз ҷониби андозсупорандагонро ошкор ва ба маблағи 537 963 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ таъин кардаанд. Аз маблағи умумии ҷаримаҳои муайяншуда, ба ҳолати 1-уми июли соли 2019 ба буҷет 330 ҳазор сомонӣ ворид гардидаст, ки 62,6 фоизи маблағи ҷаримаҳои таъиншударо ташкил медиҳад.

Зикр гардид, ки ба ҳолати 1-уми июли соли 2019-ум 15325 андозсупоранда, аз ҷумла 1420 шахси ҳуқуқӣ, 2516 шахси воқеӣ, 13807 соҳибкори инфиродӣ ва 10531 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудаанд.

Дар Бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар ноҳияи Фирдавсӣ 28 шахси ҳуқуқӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, бо рақами ягонаи мушаххас таъмин гардидаанд. Фаъолияти 18 адад шахси ҳуқуқӣ барҳам дода шуда, нисбати 196 адад шахси ҳуқуқӣ ба Феҳристи ягонаи давлатӣ тағйироти гуногун ворид шудааст. Инчунин, 153 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуданд ва фаъолияти 119 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда мувофиқи тартиби муқарраргардида қатъ гардиданд.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз тарафи нозироти андоз нисбати 306 андозсупоранда, ба маблағи 3 миллиону 530 ҳазор сомонӣ назорати камералӣ гузаронида ва огоҳинома ирсол шудааст. Пас аз пешниҳоди огоҳинома аз тарафи андозсупорандагон ба маблағи 3 миллиону 41 ҳазор сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардидааст. Инчунин, кормандони нозирот дар фаъолияти 188 андозсупоранда санҷишҳои риояи қонунгузории андоз ва санҷишҳо оид ба қатъи фаъолиятро гузаронида, аз ин ҳисоб 148,2 ҳазор сомонӣ маблағи бариловаро ҳисоб ва ба буҷет ворид кардаанд.

Қайд гардид, ки дар ин давра нисбати се нафар андозсупоранда санҷиши хронометражӣ гузаронида шуд, ки дар натиҷа, даромади умумии моҳонаи андозсупорандагони таҳти санҷиш қарордошта аз 48,9 ҳазор сомонӣ ба 98,5 ҳазор сомонӣ зиёд карда шуд, ки фарқияти он 49,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Инчунин, 2 санҷиши амалиётии андоз дар ҳудуди ноҳия гузаронида шуд, ки дар натиҷа, 23,5 ҳазор сомонӣ маблағҳои иловагӣ ошкор ва ба буҷет таъмин шудааст. Дар фаъолияти 45 андозсупоранда хариди назоратӣ гузаронида шуда, барои риоя накардани қонунгузории андоз 45 протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, 147,4 ҳазор сомонӣ ҷарима муқаррар шуда, 76,8 ҳазор сомонӣ аз ин ҳисоб ба буҷет пардохт гардид.

Дар охир, ҷаласа аз рӯи масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул намуд.

**М. ҶУМЪА**

## ВАРЗИШ

# ҶОМИ ҶАҲОН ОИД БА ФУТБОЛ: Аргентина, Испания ва Камерун — рақибони дастаи мунтахаби Тоҷикистон

11-уми июл дар қароргоҳи Федератсияи байналмилалии футбол (ФИФА) воқеъ дар шаҳри Сюрихи Швейтсария маросими қуръакашии Ҷоми ҷаҳон-2019 байни футболбозони то 17-сола доир шуд. Дар ин маросим рақибони Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон муайян гардиданд, иттилоъ медиҳад хабарнигори АМИТ «Ховар».

Шумораи иштирокчиён 24 дастаи мунтахаб ба шаш гурӯҳи баробар тақсим ва ба ҳар гурӯҳ намояндаи як қитъа аз рӯи ҷуғрофия ва як федератсия шомил шудданд. Аз ҳар гурӯҳ ду дастаи беҳтарин ба бозиҳои минбаъда ва чор дастаи беҳтарин, ки дар гурӯҳҳо ҷойи сеюмро ишғол мекунанд, ба даври дигар роҳ меёбанд.

Бозиҳои марҳилаи гурӯҳии Ҷоми ҷаҳон-2019 аз 26-уми октябр оғоз шуда, то 17-уми ноябр дар кишвари Бразилия идома мекунанд.




## ЭЪЛОН

### АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ МУҲТАРАМ!

Бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, инчунин кам намудани муносибати корманди мақомоти андоз бо андозсупорандагон, аз 01.06.2019 дар Кумитаи андоз боз як шакли хизматрасонӣ, аз ҷумла тавассути модули «Утоқи шахсии андозсупоранда» тартиб додани санади муқоисавӣ дар шакли электронӣ таҳия ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Бинобар ин, андозсупорандагон метавонанд, минбаъд аз хизматрасонии мазкур истифода намуда, санади муқоисавиро дар шакли электронӣ тартиб диҳанд.

Дар ҳолати пайдо гардидани мушкилӣ ва гирифтани маълумоти муфассал ба Маркази тамоси Кумитаи андоз бо телефони 151 муроҷиат намоед.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Тартиби ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил ва аз он хориҷ кардани субъектҳои хоҷагидор

**Дар асоси муқаррароти қисми 51 моддаи 17 Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади назорати фаъолияти андозсупорандагоне, ки бо амали (беамалии) худ боиси баланд шудани андозҳои муқарраршуда мегарданд, мафҳуми «Андозсупорандагони бемасъулият» пешбинӣ гардидааст.**

Дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2019, таҳти №305 номгӯи андозсупорандагон бо сабабҳои дуруст ба роҳ намондани фаъолияти корхона ва пардохт накардани бақияи қарзи андоз, пешниҳод накардани эъломияи андоз, амалан анҷом надодани амалиёти андозбандишаванда ва пардохт накардани маблағи дар натиҷаи санҷиш барилова ҳисобшуда ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил мешаванд. Инчунин, бино бар бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ҳамзамон татбиқи чораҳои маъмурӣ як қатор андозсупорандагон аз рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ мешаванд.

**Замимаи №1**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
*аз 28 июни соли 2019, таҳти №305*

Номгӯи андозсупорандагоне, ки ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудаанд:

| Р/т | Номгӯи андозсупоранда | Сабабҳои ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил намудани андозсупорандагон |
|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Кварц» | Пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 2 | ҶДММ «Меъмор»-и ноҳияи А. Ҷомӣ | Пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 3 | ҶДММ «Лаби сой» | Пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 4 | ҶДММ «Насимҷон» | Пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 5 | КФД КВ ноҳияи А. Ҷомӣ | Пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 6 | ҶДММ «Самад С» | Пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 7 | ҶДММ «Маъруфи Ҷомӣ» | Пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 8 | ҶДММ «Сафед кишт» | Пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 9 | ҶДММ «Вайт голд» | Пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 10 | ҶДММ «Шамол» | Пардохт накардани бақияи қарзи андоз ва пешниҳод накардани эъломияи андоз |
| 11 | ҶДММ « Шоҳрух» | Пардохт накардани бақияи қарзи андоз ва пешниҳод накардани эъломияи андоз |

**Замимаи №2**
**ба Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
*аз 28 июни соли 2019, таҳти №305*

**Номгӯи андозсупорандагоне, ки аз рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» хориҷ шудаанд:**

| Р/т | Номгӯи андозсупоранда |
|---|---|
| 1 | ҶДММ «Беназир 2011» |
| 2 | ҶДММ «Памук» |
| 3 | ҶДММ «Супер Шер Аҳмад Зай» |
| 4 | Намояндагии ФШ «Алӣ Соҳил Камолпурӣ» дар ҶТ |
| 5 | ҶДММ «Юнайтед Содот Транспортейшон» |
| 6 | ҶДММ «Чуан Шиди» |
| 7 | ҶДММ «Жун Хао» |
| 8 | ҶДММ «Нури Хуросон» |
| 9 | ҶДММ «Карделен» |
| 10 | ҶДММ «ДСД Интернешнл» |
| 11 | ҶДММ «Меркот» |
| 12 | ҶДММ «Анко-Тоҷ» |
| 13 | ҶДММ «Дунё Тиҷорат» |
| 14 | ҶДММ «Диёрсӯй» |
| 15 | ҶДММ «Тиҷоратӣ ва туристии Обид Салим» |
| 16 | ҶДММ «Ситораи сурх» |
| 17 | ҶДММ «НБМТББ Ошиқ Муҳаммад» |

Хотиррасон мешавем, ки фармоиши зикршуда раёсатҳои санҷиши андозҳо, ташкили андозбандӣ, ситонидани қарзи андозҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андозро вазифадор мекунад, ки аз лаҳзаи ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудани субъекти хоҷагидор, фаъолияти онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд ва ҷиҳати ислоҳи камбудиҳое, ки барои содир намудани он субъект ба рӯихати «Андозсупорандагони бемасъулият» дохил шудааст, дар доираи талаботи қонунгузорӣ ва тартиби мазкур чораҷӯӣ намоянд.

Ҳамчунин, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КВД "Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз" вазифадор гардиданд, ки барои дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир кардани фармоиши мазкур тадбирҳои заруриро андешанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# Жерар Пике аз андоз 2 миллион евро қарздор аст



**Ҳимоягтгари дастаи футболи «Барселона»-и Испания Жерар Пике барои пӯшондани ҷаримаҳо ва қарзи пардохтҳои андозӣ ба буҷет бояд 2 миллион евро пардохт намояд.**

Тавре дар хабар омадааст, Коллегияи миллии судяҳои Испания норозигии варзишгар ба қарори суди Маркази маъмурию хоҷагидориро рад кардааст. Қарори мазкур соли 2016 қабул шуда, футболбозро уҳдадор намуда буд, ки ҳамчун ҷарима ва қарзи андозҳо барои давраҳои солҳои 2008 то 2010-ум 2,1 миллион евро пардохт кунад. Ҳукумати Испания андеша дорад, ки варзишгар бо мақсади камтар пардохт кардани андоз ҳуқуқҳои эътибориашро ба корхонааш Kerad Project додааст.

**https://football.kulichki.net**

**Боре дар як нишаст аз хусуси фаъолияти хуби бахши шиноснomaдиҳии шаҳри Ҳисор, бахусус хизматрасонии сатҳи баланд ва муносибати хайрхоҳонаи кормандони бахш сухан рафт. Моро фурсате насиб гашт, ки бо сардори бахши шиноснomaдиҳӣ ва бақайдгирии шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Ҳисор, полковники милитсия Нигматзода Саидакбар Миракшо, ки бо хоксорию поквиҷдониаш миёни ҳамкорон ва сокинони шаҳр соҳибобрӯ гардидааст, ҳамсуҳбат шавем. Инак, фишурдаи суҳбати мо пешкаши хонандагон мегардад.**

# Меҳру садоқат

**- Саидакабар Нигматзода, нахуст бигӯед, ки вазифаи асосии бахш аз чӣ иборат аст?**

- Самтҳои асосии фаъолияти кормандони бахши шиноснomaдиҳӣ ва бақайдгирӣ, тавре аз номаш бармеояд, пеш аз ҳама, таъмин кардани шаҳрвандон бо шиноснома, ба қайд гирифтани шаҳрвандони хориҷие, ки ба шаҳр барои зисти муваққатӣ меоянд ва назорати ҷиддӣ аз болои онҳо мебошад.

**- Фаъолияти бахш бо ҳамин маҳдуд мешавад?**

- Не, албатта, Фаъолияти кормандони бахш бо ин маҳдуд намешавад. Онҳо ҳар сари чанд вақт ба ҷамоатҳои деҳот, ба мактабу ташкилотҳо рафта, мулоқот доир менамоянд. Ба мардум аз хусуси тарзи шиносномагирӣ ва муносибат ба он, моҳияту аҳамияти шиноснома, масъулият ва қарзи шаҳрвандӣ ва садоқатмандию ватанпарастӣ суҳбатҳо мегузаронанд.

**- Ҳамкории шумо бо мақомотҳои дигар чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?**

– Ҳама гуна кору фаъолият дар ҳолате самара мебахшад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар сохторҳо анҷом дода шавад. Мо бо прокуратура, суд, мақомоти андоз, ҷузъу томҳои амният ва милитсия, идораҳои кор бо муҳоҷирати меҳнатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғайра иртиботи қавӣ дорем. Пайваста табодули афкор мекунем, рейдҳои муштарак мегузаронем.

**- Корманди милитсия, ба фикри шумо, бояд чӣ гуна шахс бошад?**

- Ба андешаи ман, корманди мақомоти милитсия, пеш аз ҳама, дониши васеи ҳуқуқӣю иқтисодӣ ва касбияти баланд дошта бошад, бомаърифат, ростгӯй ва бовиҷдон бошад. Дар муносибат бо мардум хайрхоҳ бошад ва доим дар хизмати халқу Ватан омода бошад.

**- Ҳоло қарор шудааст, ки ҳамаи шаҳрвандон шиноснomaҳои пешина (намунаи соли 1996)-ро ба шиноснomaҳои нав (намунаи соли 2014) иваз бояд кунанд. Оё ин амал танҳо бо мақсади пайвасткунӣ ё азнавбақайдгирии симкортҳо анҷом дода мешавад?**

- Яке аз мақсадҳои ба таври оммавӣ ҷалб кардани мардум барои иваз намудани шиноснomaи кӯҳна бо нав ҳамин аст. Дигар, ба андешаи ман, ҳар шаҳрванди Тоҷикистон, ки аз тоҷикистонӣ будани худ ифтихор мекунад, бояд шиноснomaи кӯҳнаашро бо нав иваз намояд.

**- Воқеан, корти идентификатсионӣ нисбат ба шиноснomaи пешина чӣ бартарӣ дорад?**

- Шиноснomaи нав, яъне корти идентификатсионӣ дар шароити технологияи муосир хеле муфид буда, дар бораи соҳиби он ҳамаи маълумоти зарурӣ, аз қабили изи ангӯштони даст, ҷои зист, рақами мушаххаси андозсупоранда ва ғайра ҷой дода шудаанд, ки ин басо муҳим мебошад.

**- Таъмини шаҳрвандон бо шиноснома дар шаҳри Ҳисор дар кадом ҳолат қарор дорад?**

- Дар шаш моҳи имсол 11612 нафар сокини шаҳри Ҳисор бо шиноснomaи намунаи соли 2014 таъмин гардидааст. Алҳол, ҳар рӯз ҳуҷҷатҳои 260-270 нафар сокини шаҳр барои гирифтани шиноснома ба бахши шиноснomaдиҳӣ пешниҳод мегардад. Яъне кормандони бахш бо истифода аз имконоти техникии мавҷуда дар ҳар як рӯз метавонанд танҳо to 270 шаҳрвандро бо шиноснома таъмин намоянд.

**- Хизматрасонии кормандони бахш ба муроҷиаткунандагон дар кадом сатҳ аст? Оё шароити мусоид дар ин самт фароҳам оварда шудааст?**

- Хизматрасонӣ дар сатҳи дахлдор қарор дорад. Кормандони бахши шиноснomaдиҳӣ ҳама мутахассисони варзидаи соҳаанд, вазифаву ӯҳдадориҳои худро хуб медонанду аъло иҷро мекунанд. Бо шаҳрвандон – корафтодагону муроҷиаткунандагон хайрхоҳона муносибат менамоянд. Имрӯзҳо саҳни бахши шиноснomaдиҳӣ хеле серодам аст. Ҳама мехоҳанд шиноснomaи кӯҳнаро ба нав иваз кунанд. Аз ин рӯ, кормандони мо ҳам серкор шудаанд. Вобаста ба ин, ҳар рӯзи кории мо аз соати 8 оғоз шуда, то соати 22 идома меёбад.

Шароити созгор ҳам барои кормандони бахш ва ҳам барои шаҳрвандон – муроҷиаткунандагон фароҳам оварда шудааст. Дар толори умумӣ, ки мардум зиёд ҷамъ мешавад, асбоби салқинкунанда (кондиционер) гузошта шудааст. Ҳамчунин, зарфҳои пур аз оби тозаи ошомиданӣ гузоштаем, ки ҳар шахс метавонад аз он истифода намояд, яъне ташнагиашро шиканад. Дар назди ҳуҷраҳои корӣ ва долонҳои бинои бахш курсиҳо гузошта шудаанд, то ки муроҷиаткунандаҳою корафтодаҳо ҳангоми мунтазирӣ роҳат бишинанд.

Ман, пеш аз ҳама, ба сардори Хадамоти шиноснomaдиҳӣ ва бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Ҳусейн Халилзода барои кӯмаку дастгирииаш ҷиҳати фароҳамсозии шароити хуби корӣ, ки ба самараноктар гардидани фаъолияти бахш мусоидат мекунад, арзи сипос менамоям.

**- Оё сокинони шаҳр – онҳое, ки ҳатман бояд шиноснома дошта бошанд, ҳамаашон метавонанд шиноснomaи кӯҳнаро бо нав дар мӯҳлати муқарраршуда (15 августи соли 2019) иваз намоянд?**

- Шояд то ин мӯҳлат ҳама шиноснomaи нав гирифта натавонанд, аммо умед дорем, ки тадриҷан таъмин хоҳанд шуд.

**- Дар бораи андозу андозбандӣ чӣ андеша доред?**

- Андозбандию андозсупорӣ дар тамоми кишварҳои дунё вуҷуд доранд. Хазинаи мамлакатро маҳз маблағи андозҳо ғанитар месозанд. Буҷети давлат пур бошад, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ беҳтар мегардад. Сиёсати андозу буҷетро бояд ҳама: чи шахсони ҳуқуқӣ ва чи шахсони воқеӣ хуб дарк намоянд ва дар ғановати хазинаи кишвар ҳамеша саҳмгузор бошанд.

**- Ташаккур барои суҳбат.**

- Саломат бошед.

**Мусоҳиб**

**Мақсуд ҲИКМАТ**

## НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Изҳори қаноатмандӣ

- Фаъолияти Раёсат ва ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар соли 2019 тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст - иброз намуд ректори ДДТТ Ҳ. Фақеров дар нишасти матбуотӣ.

Ӯ гуфт, ки мувофиқи натиҷаҳои рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон донишгоҳ дар байни 30 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар нимсолаи аввали соли 2019 ҷойи 5- умро ишғол намуда, ба панҷгонаи беҳтарин мактабҳои олии ҷумҳурӣ шомил гардид.

Дар нишаст зикр шуд, ки Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дорои Донишкадаи иқтисод ва савдо дар шаҳри Хуҷанд, литсей, 4 факултет, шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ, шуъбаи магистратура, аспирантура ва докторантура мебошад. Дар донишгоҳ 16 кафедра, аз ҷумла 4 кафедраи умумитаълимӣ ва 12 кафедраи тахассусӣ фаъолият менамоянд.

Донишгоҳ дорои китобхонаи замонавӣ буда, он аз ду толори хониши китобҳои муқаррарӣ бо 155 ҷои нишаст ва ду толори хониши китобҳои электронӣ бо 90 ҷои нишаст иборат мебошад. имсол донишгоҳро 977 нафар хатм намуданд, ки 5 нафари онҳо сазовори дипломи аъло гардидаанд.

Дар охир ректори донишгоҳ ба саволҳои хабарнигорон ҷавобҳои мушаххас дода, аз ҳамкорӣ бо онҳо изҳори қаноатмандӣ намуд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**





ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.


## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Индия ввела пошлины на 28 товаров из США

**Индия ввела более высокие ответные тарифы на 28 американских товаров, включая миндаль, яблоки и грецкие орехи, после того как Вашингтон отменил режим торговых преференций для Нью-Дели. Это решение Дональд Трамп намеревался произвести после вступления в должность президента США в 2017 году, пообещав активнее действовать против стран, с которыми у Вашингтона сложился большой торговый дефицит.**

Новые пошлины вступают в силу с воскресенья, говорится в уведомлении американской администрации. Агентство Reuters ранее сообщало, что Индия готовится взимать более высокие тарифы в преддверии первой встречи премьер-министра Нарендры Моди с Дональдом Трампом в кулуарах саммита G20 в Японии 28 и 29 июня.

5 июня глава Белого дома отменил торговые привилегии в рамках Общей системы преференций (ОСП) для Индии, крупнейшего бенефициара данной схемы, которая разрешала ей беспошлинный экспорт товаров на сумму до 5,6 миллиарда долларов. Власти Индии назвали это решение «ошибочным» и пообещали отстаивать национальные интересы государства.

Напомним, что в июне прошлого года правительство Индии издало указ о повышении налогов на импорт до 120% на множество товаров из США, что было вызвано отказом Вашингтона освободить эту страну от повышения тарифов на сталь и алюминий. Однако на практике Нью-Дели неоднократно откладывал повышение тарифов, поскольку две страны вели активные торговые переговоры. В 2018 году товарооборот между ними составил около 142,1 миллиарда долларов.

Наконец, 15 июня власти Индии все же распорядились «ввести ответные пошлины на 28 товаров, произведенных в США или экспортируемых из США», сохранив при этом существующий тариф на эти товары для всех других стран, говорится в уведомлении индийского правительства. Новые тарифы для американской продукции в таких областях, как электронная коммерция и локализация данных, уже разозлили Соединенные Штаты и нанесли удар по таким компаниям, как Amazon.com, Walmart Inc, Mastercard и Visa.

Повышение индийских пошлин на американские товары, по оценке экспертов, может повлиять на уровень политических связей и отношений в сфере безопасности между двумя странами.

Госсекретарь США Майк Помпео, который, как ожидается, посетит Индию уже в июне, заявил, что на этой неделе Соединенные Штаты были открыты для диалога по урегулированию торговых разногласий с Индией путем расширения доступа американских компаний к ее рынкам, однако Нью-Дели якобы не предпринял «достаточных мер» для урегулирования данного вопроса.

По данным Министерства сельского хозяйства США, Индия является крупнейшим покупателем американского миндаля. Так, она заплатила 543 миллиона долларов за более чем половину американского экспорта миндаля в 2018 году. Это второй по величине покупатель американских яблок, который приобрел их в 2018 году на сумму в 156 миллионов долларов.

**https://rg.ru**

# Налогообложение импорта и экспорта товаров в Республике Таджикистан

## Налогообложение при экспорте товаров из Республики Таджикистан

В соответствии части 1 статьи 172 Налогового кодекса Республики Таджикистан (НК РТ) экспорт товаров, кроме драгоценных металлов и драгоценных камней, ювелирных изделий из драгоценных металлов и драгоценных камней, алюминия первичного, концентратов металлов, лома черных и цветных металлов, других производимых в Республике Таджикистан металлов, коконов, товаров, произведенных в свободных экономических зонах, хлопка-волокна, хлопковой пряжи и хлопка-сырца, облагается налогом на добавленную стоимость (НДС) по нулевой ставке.

Нулевая ставка НДС является экспортной. Это значит, что заранее выплаченный НДС при покупке товара у поставщика, можно возместить из бюджета.

Нулевым НДС облагаются товары тех организаций, которые занимаются перевозками за территорией Республики Таджикистан. Однако такое облегчение налогового бремени имеет ряд особенностей. Самое главное – компании должны всегда иметь всю необходимую документацию, которая подтверждает причину нулевого НДС. В качестве подтверждающего документа может быть заявлена:

*- договор (контракт) на поставку экспортируемых товаров;*

*- грузовая таможенная декларация с отметками таможенного органа, осуществившего выпуск товаров в таможенном режиме экспорта;*

*- копии товаросопроводительных документов с отметкой таможенного органа;*

*- платежные документы и выписка банка (копия выписки), подтверждающие фактическое поступление валютной выручки от поставки товаров на экспорт на счета налогоплательщика (ч.1ст.173 НК РТ).*

Чтобы организация смогла подтвердить свое право на нулевой НДС, ей выделяется период в 90 дней. Отсчет времени начинается с момента появления отметки таможенных служб в документации. Если предоставить необходимые документы в отведенный срок не удалось, наорганизация подлежит обложению НДС и могут налагаться штрафные санкции. При соблюдении всех правил и норм компания может получить уплаченные в виде налога средства.

В соответствии с части 3 ст. 169 НК РТ поставка, в том числе на экспорт, драгоценных металлов и драгоценных камней, ювелирных изделий из драгоценных металлов и драгоценных камней, алюминия первичного, концентратов металлов, товарной руды, лома черных и цветных металлов, других производимых в Республике Таджикистан металлов, коконов, хлопка-волокна, хлопковой пряжи и хлопка-сырца освобождается от НДС.

Постановлением Правительства Республики Таджикистан «Овывозных таможенных пошлин» от 3 июня 2017 года №377 на следующее виды экспортных товаров налагаются вывозные таможенные пошлины:

| П/Н | Код товара согласно с Товарной номенклатурой внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан | Наименование позиции | Ставка |
|---|---|---|---|
| 1 | 4101 | Необработанные шкуры крупного рогатого скота (включая буйволов) или животных из семейства лошадиных (парные или соленые, сушеные, золеные, пикелеванные или консервированные другим способом, кг но недубленые, не выделанные под пергамент или не подвергнутые дальнейшей обработке), с волосяным покровом или без волосяного покрова, двоенные или недвоеные | 300 евро за 1000 кг |
| 2 | 4102 кроме товарной позиции 4102 210000 | Необработанные шкуры овец или шкурки ягнят (парные или соленые, сушеные, золеные, пикелеванныеили консервированные другим способом, но не дубленые, не выделанные под пергамент или не подвергнутые дальнейшей обработке), с шерстным или без шерстного покрова, двоенные или не двоенные, кроме исключенных примечанием 1 в к данной группе: | |
| 3 | 4103 | Прочие необработанные шкуры (парные или соленые, сушеные, золеные, пикелеванные или консервированные другим способом, но не дубленые, не выделанные под пергамент или не подвергнутые дальнейшей обработке), с волосяным покровом или без волосяного покрова, двоенные или недвоенные, кроме исключительных примечанием 1 б или 1 в к данной группе | |
| 4 | 5001 00 000 0 | Коконы шелкопряда, пригодные для разматывания | 20%, но не менее 100 евро за 1000 кг |
| 5 | 5002 00 000 0 | Шелк-сырец (некрученый) | |
| 6 | 5003 00 000 0 | Отходы шелковые (включая коконы, непригодные для разматывания, отходы коконной нити и расщипанное сырье); | |
| 7 | 5201 00 | Волокно хлопковое, не подвергнутое кардо или гребнечесанию | 10% |
| 8 | 720410 000 0 | Отходы и лом литейного чугуна | 30%, но не менее 200 евро за 1000 кг |
| 9 | 7204 21 | - отходы и лом легированной стали:<br>- коррозностойкой стали: | |
| 10 | 7204 29 000 0 | - отходы и лом легированной стали:<br>- прочей | |
| 11 | 7404 00 | Отходы и лом медные | |
| 12 | 7602 00 | Отходы и лом алюминиевые: | |
| 13 | 7606 11 | - из алюминия нелегированного: | не менее 100 евро за 1000 кг |
| 14 | 7606 12 | - из алюминиевых сплавов: | |
| 15 | 7606 91 000 0 | - из алюминия нелегированного | не менее 70 евро за 1000 кг |

## Налогообложение при импорте товаров в Республику Таджикистан

В соответствии с ст. 340 Таможенного кодекса Республики Таджикистан при ввозе товаров в Республику Таджикистан в зависимости от вида товаров могут взиматься следующее платежи:

*1) таможенная пошлина;*

*2) НДС;*

*3) акциз;*

*4) специальный таможенный платеж.*

## Таможенная пошлина

Ставки таможенных пошлин для ввозных товаров в РТ определены постановлениемПравительства Республики Таджикистан от 08.08.2018 г, за №399 «О ставках ввозных таможенных пошлин Республики Таджикистан». Так например пунктами 2-3 данного постановления установлен режим свободной торговли и применяется нулевая ставка ввозной таможенной пошлины при ввозе товаров, происходящих из государств-членов Договора о зоне свободной торговли от 18 октября 2011 года и из стран, с которыми подписаны двусторонние соглашения о свободной торговле, за исключением товаров, изымаемых из режима свободной торговли. Также пунктом 4 указанным постановлением при ввозе товаров, происходящих из наименее развитых стран определен преференции и установлена ставка ввозной таможенной пошлины в размере пятидесяти процентов от утвержденных ставок. К таким странам относятся Афганистан, Емен, Камбоджа и т.д.

## Налог на додавленную стоимость

Согласно статьей 181 Налогового кодекса РТ ставка НДС составляет 18 процентов налогооблагаемого ввоза.

## Акциз

Перечень подакцизных товаров и подакцизных видов деятельности определен согласно статье 197 Налогового кодекса и ставки подакцизных товаров утверждены постановлением Правительства Республики Таджикистан от 06.06.2018 г, за №302. В частности подакцизными товарами считаются:

*- все виды спирта, безалкогольные и алкогольные напитки;*

*- табак переработанный, промышленные заменители табака, изделия из табака;*

*- топливо минеральное, все виды сырой нефти и продуктов ее перегонки; битуминозные вещества; воски минеральные; сжиженный газ;*

*- шины и покрышки пневматические резиновые новые, шины и покрышки пневматические резиновые, восстановленные или бывшие в употреблении; шины и покрышки сплошные или полупневматические, шинные протекторы и ободные ленты резиновые;*

*- автомобили легковые и прочие моторные транспортные средства, предназначенные для перевозки людей;*

*- готовые ковровые изделия, ввозимые в Республику Таджикистан;*

*- изделия для транспортировки или упаковки товаров из пластмассы: пробки, крышки, колпаки и другие укупорочные средства, ввозимые в Республику Таджикистан;*

*- ювелирные изделия из драгоценных металлов и драгоценных камней, а также их части из драгоценных металлов и (или) покрытых драгоценными металлами.*

## Специальный таможенный платеж

Специальный таможенный платеж является видом таможенного платежа, ставка которого устанавливается Правительством Республики Таджикистан для ввоза и/или вывоза определенных товаров. В случае определения специального таможенного платежа, другие таможенные платежи, установленные в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, не взыскиваются. В настоящее время к специальному таможенному платежу относится импорт ювелирных изделий и согласно Постановления Правительства Республики Таджикистан от 25.09.2018, №477 для них определены следующее размеры платежей:

*- для импорта 1 (одного) грамма ювелирного изделия из золота 2,0 (два) доллара США;*

*- для импорта 1 (одного) грамма ювелирного изделия из серебра 0,34 (ноль целых тридцать четыре сотых) доллара США.*

**Подготовил: С.ВАЗИРОВ**

# ПУРСИШНОМА

## оид ба муайян намудани риояи тартиби гузаронидани назорати камералӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз

*Махфияти пурсишнома нигоҳ дошта мешавад*

Тибқи муқаррароти моддаи 37 Кодекси андоз назорати камералӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи андози пешниҳоднамудаи андозсупоранда, маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда ва дигар ҳуҷҷатҳо, бе рафтан ба маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда, бо мақсади огоҳ намудани андозсупоранда аз эҳтимолияти қонунвайронкунии андоз, ҷиҳати мустақилона ислоҳ намудани камбудиҳо ва пешниҳод намудани эъломияи иловагии андоз ва расонидани ёрии амалӣ дар таъмини риояи қонунгузории андоз анҷом дода мешавад.

Пас аз гирифтани огоҳинома аз натиҷаи назорати камералӣ андозсупоранда ҳуқуқ дорад дар мӯҳлати 10 рӯзи корӣ ба мақомоти андоз тавзеҳот, ҳуҷҷатҳо ва (ё) эъломияи иловагии андозро пешниҳод намояд. Дар сурати пешниҳод нашудани тавзеҳот, ҳуҷҷатҳо ва (ё) эъломияҳои иловагӣ корманди мақомоти андоз уҳдадор аст, санади назорати камералӣ тартиб дода, аз натиҷаи он қарори дахлдор қабул намояд.

Гузаронидани назорати камералӣ барои давраҳои санҷишҳои маҷмӯию мавзӯии гузаронидашуда, барои ҳамон як давра такроран гузаронидани назорати камералӣ, инчунин зиёда аз як маротиба дар шаш моҳи тақвимӣ гузаронидани назорати камералӣ ба истиснои назорати камералие, ки дар ҳолати зарурӣ тибқи супориши хаттии Раиси Кумитаи андоз таъин мегардад, манъ аст.

Ному насаб ё рақами телефони иштирокчии пурсишнома ____________________
______________________________________________________________

*(Агар иштироккунандаи пурсиш хоҳиши махфӣ нигоҳ доштани ному насаби худро дошта бошад, пас ба ҷои ному насаб калимаи «Махфӣ» навишта мешавад)*

**Категорияи иштирокчӣ:**
шахси воқеӣ ____;
соҳибкори инфиродӣ ____;
намояндаи шахси ҳуқуқӣ ____.
Санаи гузаронидани пурсиш «____»____________ соли 2019

*Эзоҳ: ҷавобҳои дахлдор бо аломати «_√_» ва дар сутунчаи тавзеҳот ҳолатҳои алоҳидаи дар ҷавобҳои эҳтимолӣ қайднагардида мухтасар қайд мешаванд.*

| № | Саволҳо | Варианти ҷавоб | Қайди ҷавоб | Тавзеҳот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Оё шумо аз муқаррароти Кодекси андоз, ки тибқи он назорати камералии андоз гузаронида мешавад, огоҳ ҳастед? | Огоҳ мебошам | | |
| | | Аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz. tj) огоҳ шуда будам | | |
| | | Дар семинар- машваратҳо шунида будам, вале маълумоти пурра надорам | | |
| | | Огоҳ нестам | | |
| 2 | Дар фаъолияти шумо дар 5 моҳи соли 2019 аз ҷониби мақомоти андоз чанд маротиба назорати камералӣ гузаронида шудааст? | Як маротиба | | |
| | | Ду маротиба | | |
| | | Се маротиба | | |
| | | Барои даврае, ки назорати камералӣ гузаронида шуда буд, такроран гузаронида шуд | | |
| | | Ягон маротиба гузаронида нашудааст | | |
| | | Дар шакли мактуб (огоҳинома) барои ислоҳи камбудиҳо дастур дода шудааст | | |
| 3 | Дар 5 моҳи соли 2019 аз натиҷаи назорати камералӣ ба шумо чанд маротиба огоҳинома ирсол карда шуд? | Як маротиба | | |
| | | Ду маротиба | | |
| | | Се маротиба | | |
| | | Барои даврае, ки назорати камералӣ гузаронида шуда буд, такроран огоҳинома ирсол карда шуд | | |
| | | Ягон маротиба ирсол карда нашудааст | | |
| | | Дар шакли мактуб (огоҳинома) барои ислоҳи камбудихо дастур ирсол карда шудааст | | |
| 4 | Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ чанд маротиба ба мақомоти андоз даъват шудаед? | Як маротиба | | |
| | | Ду маротиба | | |
| | | Се маротиба | | |
| | | Ягон маротиба даъват карда нашудааст | | |
| 5 | Оё натиҷаи назорати камералӣ ва пешниҳоди огоҳиномаро оид ба ислоҳи камбудиҳо асоснок арзёбӣ менамоед ва аз он қаноатманд ҳастед? | Асоснок буд, қаноатбахш ҳастам | | |
| | | Қисман асоснок буд, қаноатбахш ҳастам | | |
| | | Асос надошт, қаноатбахш нестам | | |
| | | Мавриди баҳс қарор дорад | | |
| | | Ҳолати тамаъҷӯӣ мушоҳида мешуд | | |
| 6 | Рафтори кормандони мақомоти андозро ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ чӣ тавр арзёбӣ менамоед? | Пурра қаноатбахш | | |
| | | Қаноатбахш | | |
| | | Ғайриқаноатбахш (аз ҷумла)<br>*- дағалона рафтор менамоянд*<br>*- таҳдид менамоянд*<br>*- ғайриқонунӣ амалӣ менамоянд*<br>*- ба амалҳои коррупсионӣ роҳ медиҳанд*<br>*- ба амалҳои коррупсионӣ роҳ медиҳанд* | | |
| **Таклифу пешниҳоди иштироккунандаи пурсишнома** | | | | |
| 7 | Барои самаранок ба роҳ мондани корҳои назоратии мақомоти андоз ва беҳтар намудани сифати он, таклифу пешниҳоди худро баён намоед. | | | |
| Эзоҳ: Барои иштироки фаъолонаатон дар пурсишнома изҳори сипос менамоем. | | | | |

# ЭЪЛОН

## Муҳтарам андозсупорандагон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки бо мақсади муайян намудани андешаи соҳибкорон оид ба риояи тартиби гузаронидани назорати камералӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ва ҷиҳати беҳтар намудани сифати корҳои назоратӣ пурсиш гузаронад.

Шакли пурсишнома дар саҳифаи асосии сомонаи расмии Кумитаи андоз andoz.tj ҳамчун бахши алоҳида ҷойгир карда шудааст. Инчунин, пурсишнома дар шумораҳои рӯзномаи “Боҷу хироҷ”, ки рӯзҳои 4-ум, 11-ум ва 18-уми июли соли ҷорӣ чоп мешаванд, ҷойгир карда мешавад.

Шумо метавонед, андешаҳои худро нисбат ба саволҳои пурсишнома изҳор намуда, онро ба воситаи почтаи муқаррарӣ ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2, ба почтаи электронии Кумитаи андоз info.andoz.tj, ё аксбардорӣ намуда, бо истифода аз барномаҳои “Вайбер”, “ИМО” ва “Ватсап” ба рақами телефони 987-25-33-33 ба Кумитаи андоз ирсол намоед.

Андешаҳои шумо барои мо ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти мақомоти андоз дар самти гузаронидани назорати камералӣ муҳим мебошад.

Барои дастрас намудани маълумоти иловагӣ метавонед тавассути рақами телефони содакардашудаи “151” ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз муроҷиат намоед.

Барои ҳамкориатон қаблан сипосгузорем.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

АНДОЗ ДАР ХОРИҶА

# Барои ангур аксиз ҷорӣ мегардад

**Лоиҳаи қонун ба мукаммалгардонии назорати андозӣ дар соҳаи истеҳсол ва гардиши спирти этилӣ, маҳсулоти алкогол ва спиртдор равона гаштааст.**

Ҳукумати Россия лоиҳаи қонунеро тайёр кардааст, ки тибқи он молҳои зерин ба феҳристи молҳои зераксизӣ дохил карда мешаванд:

*- маҳсулоти спиртдори парфюмерию косметикӣ дар зарфи филизии аэрозолӣ;*

*- маҳсулоти парфюмерию косметикии ба зарфҳои хурд рехташуда;*

*- маҳсулоти химияи маишӣ дар зарфи филизии аэрозолӣ;*

*- маҳсулоти ангур (ба ғайр аз маҳсулоти ангурие, ки барои истеҳсоли дистиллятҳо истифода мешаванд);*

*- ангуре, ки барои истеҳсоли шароб, шароби кафкдор (шампанский), нӯшокиҳои спиртии тибқи технологияи силсилаи пурра истеҳсолшуда.*



Дар лоиҳаи қонун пешбинӣ гаштааст, ки ба андозсупорандагоне, ки ба истеҳсоли маҳсулоти номбаршуда машғул мебошанд, дар ҳолати дуруст истифода бурдани ашёи зераксизӣ тарҳи андоз пешбинӣ карда мешавад.

Илова бар он, дар лоиҳаи қонун пешбинӣ шудааст, ки барои спирти этилӣ, маҳсулоти спиртдор, инчунин маҳсулоти алкоголии дар таркибаш аз 9% зиёд спирти этилидошта меъёрҳои аксиз сода гардонда мешавад. Меъёри аксиз барои нӯшокиҳои ангурие, ки бе иловаи спирти этилии ректификонидашуда дар сатҳи меъёри аксиз барои шаробҳои кафкдор (шампанский) ва меъёри ягонаи аксиз барои шароб, шароби кафкдор (шампанский) муқаррар карда мешавад. Аксиз ба ҳамаи маҳсулоте дахл мекунад, ки дар қаламрави Россия истеҳсол шудааст, инчунин ба маҳсулоте низ дахл дорад, ки ба Россия ворид шудааст.

**http://taxpravo.ru**

## Бо 65 сомонӣ як сол «Боҷу хироҷ»-ро хонед

**Воситаҳои ахбори оммаи кишвар яке аз унсурҳои ҷудонашаванда ва хеле муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар рушду нумӯи мамлакат нақши муассир доранд.**

Маъракаи обуна маъракаи муҳим буда, он дар тамоми давру замон чун кӯмак ба дастрасии ВАО ба аҳолӣ вуҷуд дошт. Обуна ягона роҳи боэътимоди дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аст.

Ҳоло маъракаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки ягона нашрияи иқтисодии ҷумҳурӣ махсуб мешавад, барои соли 2020 оғоз шудааст.

Ёдрас мешавем, ки нархи обуна ба ин рӯзнома, бо вуҷуди ҳамасола баланд шудани арзиши қоғаз, ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар маводи чопӣ, имсол на баланд, балки хеле паст шудааст.

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, чунин иқдом намуд. Яъне арзишеро муқаррар кард, ки нисбат ба нархи аксарияти рӯзномаҳои кишвар пасттар аст.

# «Аз ҳавои беғубори Ватан нафас кашидан беҳтарин давлату сарват будааст!».

**Изҳори пушаймонии сокини деҳаи Зафарободи ҷамоати деҳоти Ш. Гадоеви ноҳияи Тоҷикобод Амрулло Фозилов**

**Бо ташаббуси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар минтақаи Рашт дар якҷоягӣ бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохтори дахлдори ноҳия оид ба пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ – террористӣ бо иштироки аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон мулоқот доир гардид.**

«Соли 2007 мактаби миёнаро хатм намуда, муддати 4 сол дар Федератсияи Россия кор мекардаму 1500 доллар маош мегирифтам. Зиндагии худамро дар Россия ва хонаводаамро дар Тоҷикистон пеш мебурдам, — иброз дошт сокини деҳаи Зафарободи ҷамоати деҳоти Ш. Гадоеви ноҳияи Тоҷикобод Амрулло Фозилов. — Аз чизе камбудӣ надоштам. Мутаассифона, яке аз рафиқонам- Анвариддин Худоёров тариқи сайтҳои иҷтимоӣ маро муддати 6 моҳ ба сафи гурӯҳҳои террористӣ даъват кард. Ман гумроҳ шуда, кори хубамро дар Россия партофта, бо роҳнамоию ёрдами рафиқам ва ҳамроҳонаш тавассути мамлакатҳои Туркия, Сурия ва Эрон ба хоки Афғонистон расидам. Вақте ба Афғонистон расидам, аллакай пушаймон шуда будам, вале роҳи бозгашт надоштам. Ба ман шаҳодатномаи афғонӣ доданду ба гурӯҳи толибон шомил намуданд. Маълум гардид, ки онҳо дар дасташон дар бораи ман барвақт маълумот доштаанд. Маро Илёс ном шахс пешвоз гирифту ба назди яке аз гурӯҳҳои толибон бурд. Вале аз сабаби он ки Анвариддин Худоёров «телех»-и кадом яке аз қумандонҳои толибон буд, бо ӯ хеле дер вохӯрдам. Баъди интизориҳои зиёд дидори Анвариддин ба ман муяссар гардид. Муддати 6 моҳ бо толибон, бо шиками гурусна аз ин масҷид ба он масҷид рафта, шабамонро рӯз мекардем. Он ҷо аз мусулмонӣ нишоне намедидам. Дар Афғонистон фақат даҳшати мусулмонкуширо медидаму халос. Тавре гуфтам, бо гузашти чанд моҳ бо Анвар вохӯрда наметавонистам. Баъдан бо исрори зиёд, ки ӯ маро ба ин ҷо даъват карда буду худам танҳо зиқ шудаам, ҷояшро ба ман нишон доданд. Вақте ба назди ӯ рафтам, Анвариддин аллакай дар кадоме аз муҳорибаҳо ҳарду пойяшро аз даст дода буд. Аз сабаби набудани табибону доруҳои лозима, захми пойҳои ӯро дар фасли зимистон кирм зада буд. Ҳеҷ кас ба ӯ кӯмак намерасонд ва ҳатто аҳамият намедод. Танҳо ман ба ӯ ёрдам дода, кирмҳои захмҳояшро тоза мекардам. Ман пушаймонии худро ба ӯ гуфтам ва бо кумаки пулии Анвариддин, ки аз даъвати ман пушаймон шуда буд, бо роҳҳои пинҳонӣ аз онҷо гурехтам. Бо кумаки мақомоти Тоҷикистон ба Ватан баргаштам. Имкони гурехтан ба ман танҳо бо он сабаб муяссар гардид, ки дар ин гурӯҳи толибон бачаҳои тоҷик кам буданд. Агар дар гурӯҳе, ки тоҷикон бисёр бошанд, намегузоранд, ки гурезӣ. Агар нияти фирор кардан дошта бошӣ, ба хотири сиррашон фош нашудан, худашон нобудат мекунанд. Вақте бо онҳо ҳамроҳ шудӣ, дигар фирору дидори падару модар, зану фарзандро бояд фаромӯш кунӣ. Ё мемурӣ, ё ин ки бо онҳо мемонӣ. Он ҷо ба хубӣ дарк кардам, ки сари дастурхон бо аҳли оила нишастан, озодона зистан, аз ҳавои беғубори Ватан нафас кашидан беҳтарин давлату сарват будааст».

А.Фозилов ба ҷамъомадагон аз хотироти талхи худ нақл намуда, миннатдории хешро ба Сарвари давлат баён намуд, ки бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон авф шуд ва айни замон дар озодӣ умр ба сар мебарад.

Номбурда ҳамчунин иброз дошт, ки мубаллиғону намояндаҳои ин гурӯҳҳои террористӣ дар баробари ҷавонписарон, духтарони тоҷикро ҳам бо роҳи фиреб ба ин мамлакатҳои ҷангзада бурдаанд, ки бо чашмони сар азобу хорӣ ва машаққати бисёри ин занҳоро медидам.

Амрулло аз иштирокдорони ҷавони ин вохӯрӣ, ки онҳо зиёда аз 300 нафарро ташкил медоданд, инчунин аз ҳамаи ҷавони тоҷик даъват намуд, ки ба ваъдаҳои дурӯғи ҳеҷ кас бовар накунанду ба доми онҳо гирифтор нашаванд ва ҳаёти худу наздиконашонро зери хатар нагузоранд. Шукронаи тинҷию сулҳу суботи Тоҷикистони осоиштагиро намуда, онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Тибқи иттилои масъулини Раёсати КДАМ дар минтақа ва ноҳияи Рашт дар соли 2018 ва 2019 дар минтақаи мазкур панҷ гурӯҳи террористӣ ошкор гардида, нисбат ба амалҳои ғайриқонунии онҳо сари вақт чораҳои зарурӣ андешида шуд. Роҳбарону аъзои ин гурӯҳҳои ифротӣ ба воситаи шабакаҳои иҷтимоӣ аз роҳбарони хориҷии худ нисбат ба анҷом додани амалҳои террористӣ фармон гирифта, мехостанд дар ояндаи наздик онҳоро амалӣ намоянд. Хушбахтона, ин сиёҳкорон ба ниятҳои нопоки худ нарасида дастгир шуданд, яъне ҷоҳканон зери ҷоҳ шуданд.

**АМИТ «Ховар»**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ОҒОЗ ЁФТ

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

**65 СОМОНӢ**
*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, биноӣ Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

Обуначиёни фаъол аз тарафи идораи «Боҷу хироҷ» ҳавасманд карда мешаванд.

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## ЭЪЛОН

**МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## НИШАСТИ МАТБУОТӢ

# Назорати иҷрои қонун

**Дар нишасти матбуотие, ки 16 –уми июли соли равон бо иштироки Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзод баргузор шуд, қайд гардид, ки дар нимсолаи якуми соли 2019 аз ҷониби кормандони мақомоти прокуратура вобаста ба назорати иҷрои қонунҳо ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд 3393 санҷиш гузаронида шуд. Ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда 15 ҳазор санади эътинооии прокурорӣ татбиқ ва дар натиҷаи баррасии онҳо 24250 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддию маъмурӣ кашида шудаанд, ҳамчунин, 1881 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст.**

Тавре зикр шуд, бо дахолати прокуророн 353 млн. сомонӣ ва аз ин 158,1 млн. сомонӣ ба манфиати давлат барқарор гардидааст. Инчунин, бахри рӯёнидани қарзҳо ва барқарор намудани зарар ба субъектҳои иқтисодӣ 128 аризаи даъвогӣ ба маблағи 98,9 млн. сомонӣ пешниҳод шудааст.

Раҳмон Юсуф қайд намуд, ки дар раванди назорат ва риояи қонунгузории андоз ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда 1429 амр, 255 эътироз, 203 пешниҳод оварда, 110 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, 1517 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд, 49 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва 146,9 млн. сомонӣ бақияпулиҳои андоз ба буҷет ворид гардидааст.

Ҳамчунин, барои бартараф намудани қонуншиканиҳо дар самти қонунгузории замин 1956 санади эътинооии прокурорӣ татбиқ ва 2893 нафар ба ҷавобгарии интизомию маъмурӣ кашида шуда, 635 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва 5774 гектар қитъаи замин ба ҳолати аввала баргардонида шудааст.

- Муфаттишони прокуратура дар ин давра тафтиши 2198 парвандаи ҷиноятиро ба итмом расонида, 2084 адади онро нисбати баррасии 2337 нафар ба суд ирсол намудаанд, - қайд намуд Ю. Раҳмон. Дар рафати тафтиши ин парвандаҳои ҷиноятӣ 69,1 млн. сомонӣ зарар, аз ҷумла 7,9 млн. сомонӣ ба манфиати давлат барқарор карда шудааст,.

Дар охир, рӯзноманигорон ба суолҳои худ посух гирифтанд.

**М. ҶУМЪА**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

- ҶДММ «Файз» (РЯМ 0110001265) воқеъ дар ноҳияи Шохмансур, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.
- ҶДММ «Граф 2004» (РЯМ 0310007748) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба К/Т «Эраҷ» (РЯМ 3310000925) воқеъ дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КДФНК (РЯМ 2810002214) воқеъ дар шаҳри Бохтар бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҳасанова Сайрам (РЯМ 0230017150) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҳакимов Аҳмадҷон (РЯМ 0530002761) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ҷумаева Мавҷуда (РЯМ 5730060811) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Раҳматов Сафаралӣ (РЯМ 1930027972) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Умаров Сафар (РМА 183004788) аз шаҳри Кулоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Шеров Пирмаҳмад (РЯМ 0930130319) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Муқимҷонов Меҳровар (РЯМ 5730160911) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ЭЪЛОН

**СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон**

- Патенти соҳибкори инфиродӣ Шовалиев Бахтиёр (РЯМ 0331308689) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Аълохоҷаи Ато (РЯМ 0331383663) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Азимов Насим (РЯМ 0331358519) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Нуруллоева Лутфи (РЯМ 3730071180) аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Патенти соҳибкори инфиродӣ Файзуллоева Шоира (РЯМ 6230035085) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ мутааллиқ ба Муассисаи таҳсилоти ибтидоии № 46 (РЯМ 1710000683) аз ноҳияи Сангвор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Саид Нуриддин» (РЯМ 2630004319) аз ноҳияи Темурмалик, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Шайх Маҳмадулло» (РЯМ 2930000957) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Умар-2013» (РЯМ 2930081238) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Абдуқодир» (РЯМ 3730029335) аз ноҳияи Панҷ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶСК «Пахтаи Кулоб» (РЯМ 1810002297) аз шаҳри Кулоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатнома ва иқтибос аз Феҳрасти ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Муҳриддин (РЯМ 0930034408) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.
- Шаҳодатнома ва иқтибос аз Феҳрасти ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Ҳоҷиев Убайдулло (РЯМ 0930156847) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Раёсати Ассотсиатсияи рақамгузории предметҳо «Глобал систем 1 Тоҷикистон» ба маълумоти аъзоёни худ, ташкилотҳое, ки аъзоҳакиро барои солҳои 2018-2019 пардохт намудаанд, мерасонад, ки санаи 30 июли соли ҷорӣ соати 10:00 дар толори «Маркази миллии патенту иттилоот», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 14а, маҷлиси умумии ғайринавбатии аъзоёни Ассотсиатсия баргузор мегардад.

Дар маҷлис ҳисоботи Раиси иҷроия, интихоби аъзоёни Раёсат ва тасдиқи Оинномаи Ассотсиатсия дар таҳрири нав шунида ва баррасӣ мешавад.

**Раёсати Ассотсиатсияи рақамгузории предметҳо «Глобал систем 1 Тоҷикистон»**




Кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва редаксияи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ба Раиси Кумитаи андоз Давлатзода Н. М. нисбати вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба ӯ ва аҳли оилаи марҳум аз Худованд сабри ҷамил мехоҳанд

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

# Оғози ислоҳоти андоз ва ташаккули заминаҳои низоми миллии андоз (солҳои 1992 – 1995)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Андоз аз арзиши изофа аз андоз барои гардиш бо гурӯҳи андозсупорандагон ва доираи амалиёт, методи андозситонӣ, ҳаҷм ва миқдори маблағи пардохтшаванда, ҳисобу китоби содаааш фарқ мекунад. Андоз аз гардиш нархи ба танзимдаровардашуда ва муайян, маҷмӯи васеи маблағҳои андоз ва ситонидани андозро аз маҳсулоти тайёр талаб менамояд. Ин андоз, асосан, аз молҳои ниёзи мардум ситонида мешуд, ба соҳаҳои сохтмон, нақлиёт, алоқа, хоҷагии қишлоқ, савдо, таъмини хизматрасонӣ дахл надошт.

Андоз аз фурӯш яке аз роҳҳои иловагии ворид намудани маблағҳо ба буҷет маҳсуб мешавад. Ҷиҳати мусбат дар ин низоми андоз он буд, ки ситониданаш ба принсипи андоз аз арзиши иловашуда асос ёфта буд. Дар ин замина барои мақомоти молия ва андоз, инчунин корхонаҳо имконият фароҳам омад, ки ба таври васеъ ба гузариш ба амалкарди андоз аз арзиши изофа омодагӣ бигиранд. Андоз аз арзиши иловашуда андози умумист, вай ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти моддиро, ки дар онҳо маҳсулоти таъиноти истеҳсолию техникӣ дошта, молҳои ниёзи мардум, корҳои иҷрошуда, хидматҳои пулакиро фаро мегирад.

Имтиёзи мақоми андоз аз арзиши иловашуда дар шароити иқтисоди бозаргонӣ умумӣ будани он мебошад. Ин андозро корхонаҳову муассисаҳо новобаста аз шакли моликият ба тобеият, аз он ҷумла корхонаҳои бо инвеститсияҳои хориҷӣ амалкунанда пардохт менамоянд. Дар оғози ҷорӣ гардиданаш андоз аз арзиши иловашуда 28 % буд, аз соли 1994 ба ин тараф маблағи он ба 20 % поён фуромад.

Пас аз лағви андоз аз гардиш ва фурӯши андоз аз арзиши иловашуда, ки ба ҷойи онҳо ҷорӣ карда шуд, на дар ҳамаи ҳолатҳо воридоти аз буҷет камшударо пурра менамуданд. Барои пур кардани ин камбудиҳо аксизҳо маъмул гардиданд. Даромади хос аз аксизҳо дар воридот ба буҷети ҷумҳурӣ соли 1998-ум 3,13 %-ро ташкил дод. Барои фурӯши машрубот, тамоку, ашёи ороиш ва мӯина, либоси чармӣ, нахи пахта, алюминий, равғани эфир аксиз ҷорӣ карда шуд. Бо қарори ҳукумат маблағи аксизҳо ба ҳаҷми зерин таъин гардида буд: барои машрубот аз 25 то 90 %; тамоку аз 14 то 20 %; мӯина – аз 10 то 35 % ва ғайра.

Ҳаҷми маблағи аксизҳо ба фоизи нисбати нархи фурӯши молҳо ба тарҳи андоз аз арзиши иловашуда андози махсус буд ба пардохташ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона ба шумор мерафт. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми маблағи фоизи аксизҳо амалияи дар ҷаҳон маъмул ба эътибор гирифта нашуд. Одатан, аксизҳо дар ҳаҷми таъингардида нисбат ба воҳиди ягонаи натуралии мол ҷорӣ карда мешаванд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



Олимони пархезшиноси Олмон баъд аз як пажӯҳиши гузаронидаашон ҷиҳатҳои фоидабахшии қаламфури тезро ба организми одам муайян намуданд.

# Қаламфури тез

## аз фарбеҳшавӣ нигоҳ медорад

Қаламфур дар навбати аввал аз фарбеҳшавӣ ва мушкилиҳои ба он рабтдошта шахсро раҳо намуда, инчунин, дар организм халал ёфтани метаболизми глюкозаро бартараф менамояд. Мувофиқи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ дар сайёраи мо 1,9 миллиард одамон аз вазни зиёдатӣ азият мекашанд. Аз ҷумла, 15 фоизи онҳо ба шаклҳои вазнини фарбеҳшавӣ гирифторанд. Дучори бемории дил, бемории қанд шудан ҳам аз сабаби фарбеҳӣ рух медиҳад. Хусусиятҳои фоидабахши қаламфури тез танҳо аз фарбеҳшавӣ нест. Он ба девораи рӯда часпида, мондани бактерияҳоро пешгирӣ менамояд, инчунин, ретсепторҳои ба фуромадани масуният, инкишофи бемориҳои кухна (хронический) хизмат менамударо нобуд месозад.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Танҳо ганҷе, ки арзиши ҷустуҷӯ карданро дорад, ҳадаф аст.

xxx

Шахсе, ки фикр намекунад, бар ақли худ зулми бузург менамояд.

xxx

Хиёнат занҷири дӯстиро сиёҳ мекунад.

xxx

Хубиро пинҳон кардан аз пинҳон кардани бадӣ авлотар аст.

xxx

Агар илмро бо орзу ба даст оварда мешуд, ҳамаи одамон олим мешуданд.

xxx

Кӯҳро бо нӯги сӯзан сӯрох кардан аз баровардани кибр аз қалб осонтар аст.

## ПАНДИ РӮЗГОР

Зане дар кӯчаҳои Париж қадам мезад. Ӯ ҷавонеро мушоҳида кард, ки дар болои мизи хурдакаки канори қаҳвахонае ҳар гуна нақшаҳову тасвирҳо мекашид. Зан назди ӯ рафта пурсид, ки барояш бар ивази маблағи муайян наққошӣ кунад. Ҷавон розӣ шуд. Баъди чанд дақиқа аллакай расм омода шуд.

- Чанд пул мешавад?- пурсид зан.

- Панҷ ҳазор франк, - гуфт ҷавон.

- Аммо шумо барои ин кор ҳамагӣ панҷ дақиқа вақт сарф кардед,- гуфт зан.

- Не, - эътироз кард ҷавон,- барои ин ман тамоми умрамро сарф кардам...

# РОБОТ

## барои кӯҳансолон



**ElliQ ба хислатҳои соҳибаш мутобиқ мешавад, овозашро мешиносад ва метавонад вобаста ба эҳтиёҷот пешниҳоди гуногун намояд. Инчунин, навгонӣ метавонад бе монеа дӯст шавад.**

Бозори робот-ёрдамчиҳо барои кӯҳансолон мунтазам пур мешавад ва лоиҳаи ғайримуқаррарӣро интизор шудан мушкил, аммо олимони исроилӣ тавонистанд ғояи ғайриодӣ пешниҳод намоянд. Ширкати Insuition Robotics навгонии ElliQ-ро муаррифӣ намуд. Роботи нав барои онҳое пешбинӣ шудааст, ки аз пешрафти технологияи муосир ҳарос доранду дар хонаашон пир шудан мехоҳанд ва бо ҳамаи ин дар алоқа буда дӯсти хуб дошта бошанд.

ElliQ тарҳи сода дорад, овозро мешиносад ва ба хислатҳо мутобиқ мешавад. Вобаста ба эҳтиёҷоти соҳибаш ҳар гуна пешниҳод дода метавонад: барои бозӣ ё тамошои ягон филм. Инчунин, робот имкони хондани паёмакҳо, бо скайп пайваст намудани дӯстон, ёдоварӣ аз қабули дору, ҷавоб додан ба фармонҳои овозӣ ва ғайраро дорад.

# Сарватмандтарин шахсони сол



**Нашрияи амрикоии Forbes рӯйхати солонаи 100 шахси дорои даромади баландтаринро нашр кард. Дар раддабандии соли 2019 мақоми аввалро ҳунарманд ва сароянда маъруф Тейлор Свифт касб кардааст. Даромади холиси солонаи ӯ 185 миллион долларро ташкил медиҳад.**

Дар мақоми дувум Кайли Ҷеннер, хоҳари хурдии Ким Кардашян ва иштирокчии намоиши воқеият - «Хонаводаи Кардашянҳо» бо 170 миллион доллар даромад ҷой дода шудааст.

Мақоми севумро рэпсаро Канe Уэст (150 миллион доллар) ва ҷойи чаҳорумро бозингари дастаи футболи «Барселона» Лионел Месси (127 миллион доллар) касб кардаанд. Сароянда машҳури британиёӣ Эд Ширан дар мақоми панҷум буда, даромади ӯ 110 миллион доллар аст.

## Оё медонед?



Гурбаҳо ранги сурхро дида наметавонанд ва онҳо дунёи атрофи худро торик мебинанд, аммо расо 25 тобиши гуногуни ранги хокистариро фарқ карда метавонанд.

Бочу хироч

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Бочу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Бочу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводи мазкур нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Абдуфаттоҳ ВОҲИДОВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 58 887**